ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МУҲИТИ ФИЗИКИИ ТАЪЛИМ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРОН

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни география



МОДУЛИ
2

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 2

## МУҲИТИ ФИЗИКИИ ТАЪЛИМ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРОН

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанни география**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-6 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ҷулий Валессаратоу

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Тарҷума ва мутобиқ кард:** Шосафар Акобиров

**Муқарризон:**

Н.М. Қодиров, мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

Т. Турдиев, мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

М. Буранов, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

Модул ба нақши муҳити физикии таълим дар ташаккули омӯзиши фаъол ва фаъолияти омӯзгорон равшанӣ меандозад. Дар модул муҳити таълим ҳамчун системае баррасӣ мешавад, ки ниёз ба ҳамоҳангии педагогика, муҳит ва фарҳанг дорад. Мавод бо дарназардошти шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ таҳия гардида, роҳҳои фаъолсозии тамоми муассисаи таълимиро ҳамчун муҳити омӯзишӣ ва тарҳрезии ҳамкории муштарак бо хонандагон пешниҳод мекунад. ҳамзамон, методологияи тафаккури тарҳрезӣ ҳамчун воситаи амалии беҳсозии муҳит муаррифӣ мегарданд.

**Мундариҷа**


Пешгуфтор ........................................................................................................ 4

1. Омӯзиш ва муҳити физикии таълим.................................................................. 5
2. Аҳамияти муҳит дар таълим ............................................................................ 11
3. Муҳити физикии таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ..... 18
4. Тарҳрезии фазои синфхона барои татбиқи омӯзиши фаъол .................................. 29
5. Роҳҳои фаъолсозии муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳамчун муҳити таълим............. 37
6. Аз муҳит то амал: гузариш ба амал ................................................................. 45
7. Тарҳрезии муштарак бо иштироки хонандагон .................................................. 56
8. Истифодаи амалии усулҳои тафаккури тарҳрезӣ................................................. 63

Адабиёт ва сарчашмаҳо......................................................................................... 70

## ПЕШГУФТОР

Омӯзиш равандест, ки тавассути он шахсони алоҳида дониш, маҳорат, муносибат ва арзишҳоро тавассути омӯзиши муҳтаво, дигарон ва таҷриба аз худ мекунанд. Омӯзиш танҳо бо интиқоли иттилоот маҳдуд нашуда, иштироки фаъол, таҳлил ва татбиқи андешаҳоро дар шароитҳои гуногун дар бар мегирад.

Омӯзиш дар муҳити таълим тавре сурат мегирад, ки дар он педагогика (тарҳрезӣ ва мусоидат ба фаъолиятҳои омӯзишӣ) бо муҳити физикӣ (ҷой, захира ва ҷойгиркунии ҷузъҳо ва ҷой дар синфхона, ки омӯзишро дастгирӣ мекунанд ё маҳдуд месозанд) ҳамкорӣ мекунад. Муҳити коммуникативӣ, яъне ҷараёни иттилоотрасонӣ, шунида шудани садоҳо ва мубодилаи андеша ва ё робитаи мутақобила сифати ҳамкории байни омӯзгорону хонандагонро ташаккул медиҳад. Муҳити фарҳангӣ арзишҳои муштарак, меъёр, расму оин ва интизориҳоро муайян мекунад, ки одамон чӣ гуна рафтор намуда, ҳамкорӣ менамоянд ва худро ҷузъи ҷомеа эҳсос мекунанд.

Вақте ки ҳамаи ин ҷузъҳо дар ҳамоҳангӣ амал мекунанд, онҳо барои ҳавасмандӣ, фарогирӣ ва дарки амиқ шароит фароҳам меоранд. Номувофиқатӣ байни онҳо метавонад иштироку ҷалбро маҳдуд созад, ҳатто агар ҷузъҳои алоҳида (ба монанди усулҳои таълим ё захираҳои синфхона) қавӣ бошанд.

Таваҷҷуҳ ба рушди муҳит кӯшиши пурмазмун кардани таълим ва пайваст кардани он бо ҳаётро инъикос мекунад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муҳите бояд фароҳам оварда шавад, ки дар он хонандагони босалоҳият ва дорои малакаҳои асри муосир тарбия ёбанд.

Модул ҳамчун дастури методӣ барои омӯзгорон/шунавандагони курсҳои такмили ихтисос таҳия шуда, роҳҳои фаъолсозии тамоми муассисаи таълимӣ ҳамчун муҳити омӯзишӣ, тарҳрезии муштарак бо иштироки хонандагон ва татбиқи амалии усули тафаккури тарҳрезӣ ҳамчун воситаи беҳсозии таълим пешниҳод менамояд.

# МАВЗУИ 1

## Омӯзиш ва муҳити физикии таълим

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Муҳити таълим аз қисматҳои ба ҳам алоқаманди физикӣ, педагогӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ иборат аст:
- ҳар як қисмат дар ташаккули раванди таълим ва омӯзиш нақш мебозад.
- Муҳити физикии таълим ба ҳавасмандӣ, иштирок ва фарогирӣ фаъолона таъсир мерасонад.
- Хусусиятҳои асосии муҳити физикии хубфаъолияткунанда самарабахш, муассир ва кофӣ мебошанд.
- Муҳити бехатар, фарогир ва солим ҷузъи ҷудонашавандаи таълими босифат мебошанд.

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян кардани  қисматҳои гуногуни муҳити таълим.
- Тавсиф додани он, ки чӣ гуна педагогика ва муҳит ба омӯзиш мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд.
- Шарҳ додани истилоҳоти «самарабахш», «муассир» ва «кофӣ» дар робита ба муҳити таълим.
- Дарк кардани алоқамандии ҲРУ 4 ва Чаҳорчӯбаи RIGHT+ ба муҳити физикии таълим (шарҳи мафҳуми RIGHT+ дар қисмати шарҳи мафҳумҳои асосӣ оварда мешаванд).

**Саволҳо барои муҳокима:**

- Муҳити таълим аз кадом қисматҳо иборат аст ва онҳо чӣ гуна ба ҳамдигар таъсир мерасонанд?
- Муҳити физикӣ чӣ гуна метавонад дар раванди таълим ва омӯзиш ҳамчун шарик хизмат кунад?
- Кадом унсурҳои педагогии RIGHT+ ба шароити муассиса ва равандҳои омӯзишии шумо бештар мувофиқанд? ҲРУ- 4 бо муҳите, ки мо дар он таълим медиҳем ва меомӯзем, чӣ гуна робита дорад ва чӣ гуна метавон онро барои беҳтарсозии муҳити омӯзишӣ истифода кард?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Қисматҳои гуногуни муҳити таълимро муайян кунед.
2. Таъсири мутақобилаи педагогика ва фазоро муайян кунед.
3. Ҳадафи 4-уми Рушди Устувори СММ-ро баррасӣ кунед.
4. Ҷузъҳои Чаҳорчӯбаи RIGHT+-и Бонки Ҷаҳониро таҳлил кунед.

## Муқаддима

Муҳити физикии таълим аз тарҳрезии ороиши синфхона то дастрасии захираҳои таълимӣ, дар ташаккули фаъолияти омӯзгорон ва сифати таълим нақши калидӣ дорад. Дар шароити таълимии кунунӣ, ки то ҷое бо маҳдудияти инфрасохтор ва захираҳо рӯбарӯ аст, омӯзгорон дар муҳитҳои гуногун фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди ин, маҳз муносибати эҷодкорона ва мутобиқшавии омӯзгорон ба муҳити физикӣ метавонад муҳити мусоиди омӯзишро фароҳам орад.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муҳити физикӣ на танҳо ба самаранокии таълим, балки ба эҳсоси касбият, ҳавасмандӣ ва қобилияти эҷодкории омӯзгорон низ таъсири амиқ дорад. Омӯзгороне, ки дар муҳити мусоид ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ фаъолият мекунанд, имкони бештар барои татбиқи усулҳои инноватсионӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда ва равишҳои STEM-ро доранд. Баръакс, муҳити маҳдуд метавонад ташаббус, худбоварӣ ва имкони таҷрибаомӯзии омӯзгоронро коҳиш диҳад.

Дар ин мавзуъ кӯшиш мекунем робитаи байни муҳити физикии таълим ва таҷрибаи касбии омӯзгоронро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва беҳтарсозии муҳити таълимро дар асоси ниёзҳои воқеии омӯзгорон баррасӣ намоем.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълим** – маҷмуи умумии фазои физикӣ, равиши педагогӣ, шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар он омӯзиш сурат мегирад.

**Муҳити педагогӣ** – ташкили таҷрибаҳои омӯзишӣ, усулҳои таълим ва ҳамкориҳо.

**Муҳити физикӣ** – ҷанбаҳои ҷойгиршавӣ, сохторӣ ва муҳити бинои муассиса, аз ҷумла синфхона, мебел, рӯшноӣ, ҳавотозакунӣ, тағйирпазирӣ, дастрасӣ, бароҳатӣ ва бехатарӣ.

**Муҳити коммуникативӣ** – фазо ё муҳите, ки дар он одамон андеша, хабар, эҳсосот ва паёмҳои худро тавассути нутқ, имову ишора, навиштан, воситаҳои техникӣ ё дигар роҳҳо ба ҳамдигар мерасонанд.

**Муҳити фарҳангӣ** – меъёр, расму оин, арзиш ва интизориҳои муштарак, ки рафторро ташаккул медиҳанд.

**Самарабахш, муассир, кофӣ** – меъёрҳое, ки то кадом андоза муҳити физикӣ ҳадафҳоро дастгирӣ мекунад, захираҳоро оқилона истифода мебарад ва ба стандартҳои ҳадди ақали бехатарӣ/бароҳатӣ ҷавобгӯянд.

**Ҳадафҳои Рушди Устувори Созмони Милали Муттаҳид (ҲРУ СММ)** – маҷмуи 17 ҳадафи ба ҳам алоқаманд, ки барои ноил шудан ба ояндаи беҳтар ва устувортар барои ҳама то соли 2030 таҳия шудаанд.

**Ҳадафи 4-уми Рушди Устувор (ҲРУ-4)** – таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил дар тӯли ҳаёт барои ҳама.

**Вазифаи 4.а-и Ҳадафҳои Рушди Устувор** – Бунёд ва навсозии муассисаҳои таълимие, ки ба эҳтиёҷоти кӯдакон, шахсони дорои маъюбият ва ҷанбаҳои гендерӣ мувофиқ буда, барои ҳама муҳити омӯзишии бехатар, бидуни зӯроварӣ, фарогир ва самаранокро фароҳам меоранд.

**Чаҳорчӯбаи RIGHT+** – Чаҳорчӯбаи Бонки ҷаҳонӣ барои муҳити таълим: Устувор, Фарогир, «Сабз», Солим, Барои таълим ва омӯзиш мусоид, илова бар муҳити физикии таълимии самаранок татбиқшуда (МФТ).

## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Шакли кор:** кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ

Замонеро ба ёд оред, ки шумо дар як фаъолияти омӯзишӣ воқеан фаъол будед. Он метавонад дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, донишгоҳ, ҳангоми семинар ё ҳатто берун аз омӯзиши расмӣ бошад. Кӯшиш кунед, ки дар кучо буданатонро ба ёд оред. Он муҳити моддию чисмонӣ чӣ гуна эҳсос мешуд? Чӣ чиз ба шумо иштирок кардан, таваччуҳ намудан ё аз омӯзиш ҳаловат бурданро осонтар кард? Шумо худро чӣ гуна ҳис мекардед?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 1.1-ро бодиққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.1. санчед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1.**

**Муҳити таълим ва қисматҳои он**

Омӯзиш равандест, ки тавассути он шахсон дониш, маҳорат, муносибат ва арзишҳоро дар иртибот ба муҳтаво, одамон ва таҷриба аз худ мекунанд. Он танҳо бо интиқоли иттилоот маҳдуд нашуда, балки иштироки фаъол, таҳлил ва татбиқи андешаҳоро дар шароитҳои гуногун дар бар мегирад. Омӯзиш чузъҳои зиёде дорад, ки муҳимтарини онҳо таъсири мутақобилаи байни хонандагон ва педагогика дар муҳити физикие мебошад, ки дар он омӯзиш сурат мегирад.

Омӯзиш дар дохили муҳити таълим сурат мегирад: яъне маҷмуи шароити моддию физикӣ, равиши педагогӣ, шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Муҳити таълим системаест, ки дар он педагогика (тарҳрезӣ ва мусоидат ба фаъолиятҳои омӯзишӣ) бо муҳити физикӣ (фазо, захираҳо ва ҷойгиркунии муҳитӣ, ки омӯзишро дастгирӣ мекунанд ё маҳдуд месозанд) ҳамкорӣ мекунад. Муҳити коммуникативӣ — яъне, чӣ гуна ҷараёни иттилоот, шунидани ҳамдигар ва робитаи мутақобила — сифати муносибати байни омӯзгорону хонандагонро ташаккул медиҳад. Муҳити фарҳангӣ — арзишҳои муштарак, меъёрҳо, расму оинҳо ва интизориҳоро муайян мекунад, ки одамон чӣ гуна рафтор мекунанд, ҳамкорӣ менамоянд ва худро чузъи ҷомеа эҳсос мекунанд.

«Муҳити таълим»-ро Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) ҳамчун таъсири мутақобилаи чор унсури асосӣ - хонандагон, «омӯзгорон» ё дар ҷаҳони идеалӣ «шахсоне, ки ба пешбурд ва мусоидати омӯзиш машғуланд», муҳтаво ва захираҳо (бино ва технологияҳо) муайян намудааст.

Мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, ки лоиҳаи “Муҳити таълим- асоси таҳсилоти босифат» (LEARN)-ро дар Тоҷикистон маблағгузорӣ мекунад, «муҳити таълим ва омӯзиш» ба муҳити физикӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ дахл дорад, ки дар он омӯзиш сурат мегирад. Ин муҳит аз ҷониби малака ва салоҳияти омӯзгорон, инчунин муҳити физикии таълим, ки барои фаъолиятҳои таълимӣ дастрасанд, ташаккул меёбад. Он на танҳо синфхонаҳо, балки муҳити васеътари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро, ки дар он хонандагон меомӯзанд ва омӯзгорон таълим медиҳанд, дар бар мегирад.

Дар гузориши Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд аз соли 2011 муҳити

воқеан самарабахши таълим ҳамчун «чаҳорчӯбаи [таълимии] серталаб» муайян карда мешавад, ки дорои хусусиятҳои зерин аст:

- **Ба хонанда нигаронидашуда**. Муҳит бояд ба омӯзиш ҳамчун фаъолияти асосӣ нигаронида шуда, ба нақши муҳимми омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи маориф вобаста бошад.
- **Сохторбандӣ ва хуб тарҳрезишуда**. Барои «ба хонанда нигаронидашуда» будан, муҳити таълим тарҳрезии дақиқ ва сатҳи баланди касбиятро талаб мекунад.
- **Фардикунонидашуда**. Муҳити таълим ба тафовутҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ дар заминаи дониши пешина, ҳавасмандӣ ва қобилиятҳо мувофиқ буда, робитаи мутақобилаи мутобиқшуда ва муфассалро пешниҳод менамояд.
- **Фарогир.** Муҳити таълим бояд ба тафовутҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, аз ҷумла ба хонандагони дорои қобилиятҳои гуногун мутобиқ бошад.
- **Иҷтимоӣ.** Омӯзиш вақте самарабахш аст, ки он дар шароити гурӯҳӣ сурат гирифта, хонандагон ҳамчун қисми асосии муҳити таълим шинохта мешаванд.

Муҳити физикии таълим (шароити моддию ҷисмонӣ, захира ва ҷойгиркуниҳои муҳитӣ, ки омӯзишро дастгирӣ мекунанд ё маҳдуд месозанд) бояд кофӣ, муассир ва самаранок бошад:

- **Кофӣ.** Ба стандартҳои ҳадди ақали бехатарӣ, бароҳатӣ ва дастрасӣ барои омӯзиш ҷавобгӯ будан.
- **Муассир.** Муҳит, захира ва вақтро оқилона истифода бурдан.
- **Самаранок.** Ҳадафҳои пешбинишудаи омӯзишро дастгирӣ кардан.

### Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ: Таваҷҷуҳ ба маориф (ҲРУ- 4 ва вазифаи 4.а)

Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид таҳия ва соли 2015 қабул шудаанд, харитаи роҳи ҷаҳониро барои ноил шудан ба ҷаҳони боадолат, фарогир ва устувор то соли 2030 пешниҳод мекунанд. Маориф дар маркази ин рӯзнома қарор дорад, зеро он ҳам ҳуқуқи инсон ва ҳам муҳаррики пешрафт дар соҳаҳои тандурустӣ, рушди иқтисодӣ, баробарии гендерӣ ва сулҳ мебошад.

Дар байни 17 ҳадафи ҲРУ-4 — Таълими босифат аҳаммияти махсус дорад, ки ҳамаи кишварҳоро даъват мекунад, то «таълими босифати фарогир ва баробарро таъмин намуда, имкониятҳои таҳсил дар тӯли ҳаётро барои ҳама пеш баранд». Ин ҳадаф таъкид мекунад, ки танҳо дастрасӣ кофӣ набуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона шавад, ки ҳар як хонанда дониш, маҳорат ва арзишҳои заруриро барои рушд дар ҷаҳони тағйирёбанда аз худ кунад.

**Ҳадафи ҲРУ-4:** Таъмини таҳсилоти босифати фарогир, баробар ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил дар тӯли ҳаёт барои ҳама.

**Вазифаи 4.а-и ҲРУ:** Бунёд ва навсозии муассисаҳои таълимӣ, ки ба эҳтиёҷоти кӯдакон, шахсони дорои маъюбият ва ҷанбаҳои гендерӣ ҳассос буда, барои ҳама муҳити омӯзишии бехатар, бидуни зӯроварӣ, фарогир ва самаранокро фароҳам меоранд. Инфрасохтори мувофиқ, аз қабили синфхонаҳо, иншооти обтаъминкунӣ ва санитарӣ, қувваи барқ, пайвастшавӣ ба интернет ва технологияҳои ёрирасон чунин маъно дорад, ки муҳит бояд барои дастгирии педагогикаи муосир ва омӯзиши фаъол тарҳрезӣ шавад. Ба ин тартиб, Вазифаи 4.а робитаи муҳимро байни муҳити физикии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва сифати таълиму омӯзише, ки метавонад дар дохили онҳо сурат гирад, таъкид мекунад.

### Чаҳорчӯбаи RIGHT+ -и Бонки ҷаҳонӣ барои муҳити физикии таълим (МФТ)

Чаҳорчӯбаи RIGHT+-и Бонки ҷаҳонӣ барои муҳити физикии таълим равиши ҳамаҷонибаеро барои рушд ва такмили муҳити физикии таълим тавассути таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои калидӣ, аз қабили устуворӣ, фарогирӣ, «сабз» (рушди устувор), солимӣ, мусоидат ба таълиму омӯзиш ва татбиқи самаранок пешниҳод мекунад.

Чаҳорчӯбаи RIGHT+ барои таъмини Муҳити физикии таълими самаранок ба шаш стратегия асос ёфтааст:

1. **R|** Сохтани МФТ-и **устувор** (Resilient).
2. **I|** Пешбурди МФТ-и **фарогир** (Inclusive).
3. **G|** Таъмини МФТ-и **«сабз»** (Green).
4. **H|** Эҷоди МФТ-и **солим** (Healthy).
5. **T|** Ташаккули МФТ-и **барои таълим ва омӯзиш мусоид** (Teaching- & learning-conducive).
6. **+|** Ноил шудан ба **татбиқи самаранок** (Effective implementation).

**Таҳлили тасвирҳо – паёмҳои муҳит**

Ҳар як муҳит аз шароитҳои физикӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ иборат аст. Ҳар як муҳит ба одамоне, ки дар он қарор доранд, паёмҳо мефиристад, ки чӣ муҳим аст, чӣ иҷозат аст ва чӣ манъ аст.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

- Муҳити таълим дорои қисматҳои гуногун, аз ҷумла физикӣ, педагогӣ, коммуникативӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки барои ташаккули омӯзиш якҷоя амал мекунанд.
- Муҳити физикии таълим ба ҳавасмандӣ, иштирок ва фарогирии хонандагон фаъолона таъсир мерасонад.
- Муҳити самаранок, муассир ва кофӣ ҳам ҳадафҳои таълимӣ ва ҳам некӯаҳволии хонандагонро дастгирӣ мекунад.
- ҲРУ-4 ва Чаҳорчӯбаи RIGHT+ таъкид мекунанд, ки таълими босифат фазои бехатар, фарогир ва солимро дар бар мегирад.
- Мутобиқсозии фазои физикӣ бо педагогика як амалияи бошууронаи омӯзгорӣ мебошад, ки ба ҳамаи хонандагон манфиат меорад.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.1**

**Аз андеша ба амал:**

- Чаҳорчӯбаи RIGHT+ чӣ гуна метавонад ба шумо дар дарки муҳити таълим кумак расонад?
- Кадом ҷанбаи ҲРУ-4 ба таълими ҳаррӯза ё фаъолияти муассисаи шумо бештар алоқаманд аст?
- Дар муассисаи шумо педагогика ва муҳит дар айни замон чӣ гуна ҳамкорӣ мекунанд?
- Хулосае, ки вобаста ба мавзуъ бо ҳамкоронатон мехоҳед мубодила кунед, кадом аст?
- Ин мавзуъ чӣ гуна метавонад нигоҳи шуморо ба синфхона ё фазои муассисаатон тағйир диҳад?
- Дар машғулияти навбатӣ мехоҳед кадом мавзуъро амиқтар омӯзед?

Ба саволҳои зер ҷавоб нависед:

---

Дар бораи муҳите, ки дарс мегузаред, фикр кунед. Он дар айни замон ба хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонад? (хонандагон онро чӣ гуна мепазиранд)

---

Кадом унсури Чаҳорчӯбаи RIGHT+-ро метавон дар муҳити муассисаи шумо фавран татбиқ кард?

---

Шумо рукни «Барои таълим мусоид»-и Чаҳорчӯбаи RIGHT+-ро чӣ гуна дарк мекунед?

---

**Барои мубодилаи ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**

# МАВЗУИ 2

## Аҳамияти муҳит дар таълим

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Муҳити физикии таълим ба омӯзиш таъсири фаъол мерасонад — онро аксар вақт «омӯзгори сеюм» меноманд.
- Фазо паёмҳои ғайривербалӣ мефиристад, ки рафтор, иштирок ва интизориҳоро ташаккул медиҳанд (масалан, ҳаракат, овоз, ҳамкорӣ).
- Омӯзиш аз якрангию мутобиқат ба фардикунонидашуда ва муштарак — ин интиқоли дониш аз ҷониби омӯзгор ба омӯзиши таҳти роҳбарии хонанда гузаштан аст.
- Чаҳорчӯбаи SIN (аз лоиҳаи HEAD-и Британияи Кабир) шарҳ медиҳад, ки чӣ тавр омилҳои синфхона ба натиҷаҳои омӯзиш таъсир мерасонанд: ҳавасмандкунӣ, фардикунонӣ ва табиӣ будан.
- Ҳар як ҷанбаи SIN бо салоҳиятҳои калидӣ (Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширағ, ҳамкорӣ) алоқаманд аст.
- Тасаввуроти нодурусти маъмул: танҳо биноҳои нав муҳиманд; ороиши зиёд ҳамеша омӯзишро беҳтар мекунад; тарҳбандии синф ба педагогика таъсир намерасонад.

**Чиро бояд тавонист?**

- Дар фазои таълимии кунунии худ паёмҳои «омӯзгори сеюм»-ро шинохтан.
- Се ҷанбаи SIN-ро шарҳ додан ва барои ҳар кадоми онҳо мисолҳои камхарҷ овардан.
- Интихоби фазоро бо натиҷаҳои мушаххаси салоҳиятҳои **4К+** барои дарс ё машғулият алоқаманд кардан.
- Тасаввуроти нодурустро дар бораи фазо ва омӯзиш муайян ва зери шубҳа гузоштан.
- Далелҳои байналмилалиро (HEAD/SIN) бо воқеияти мактабҳои Тоҷикистон пайваст кардан.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Тарҳбандии синфхонаи шумо дар айни замон ба хонандагон чӣ гуна паёмҳо мефиристад?
- Кадом ҷанбаи SIN дар шароити мактаби шумо қавитар/заифтар аст?
- Чӣ гуна тағйироти хурди имконпазир метавонанд салоҳиятҳои **4К+** ро дар фанни шумо дастгирӣ кунанд?
- Шумо бо кадом воқеаҳои маъмул дар бораи фазо дучор шудаед ва онҳоро чӣ гуна ҳал мекардед?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Консепсияи муҳитро ҳамчун «Омӯзгори сеюм» баррасӣ кунед.
2. Таъсири муҳити физикии таълим ба натиҷаҳои омӯзиши хонандагонро шарҳ диҳед.
3. Тасаввуроти нодурусти маъмулро дар бораи фазо ва омӯзиш шинохта тавонед.
4. Чаҳорчӯбаи SIN ва се қисмати асосии онро тавсиф кунед.

## Муқаддима

Дар соҳаи маориф мо аксар вақт ба барнома ва усулҳои таълим тамаркуз мекунем, аммо муҳите, ки дар он омӯзиш сурат мегирад, аҳамият намедиҳем. Идеяи муҳит ҳамчун «омӯзгори сеюм» таъкид мекунад, ки чӣ гуна тарҳбандӣ, намоишҳо, бароҳатӣ ва роҳҳои ҳаракат таваҷҷуҳ, эҳсосот ва ҳамкориҳои хонандагонро ташаккул медиҳанд. Дар асоси далелҳои байналмилалӣ, бахусус Чаҳорчӯбаи SIN -и лоиҳаи HEAD меомӯзад, ки чӣ гуна ҳавасмандкунӣ, фардикунонӣ ва табиӣ будан ба натиҷаҳои омӯзиш таъсир мерасонанд ва чӣ гуна ин ҷанбаҳо бо рушди салоҳиятҳои калидӣ алоқамананд. Мақсад аз он иборат аст, ки андешаҳои ҷаҳонӣ ба тадбирҳои амалӣ ва имконпазир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ табдил дода шаванд.

### Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Омӯзгори сеюм** – Консепсияи Редҷо Эмилия, ки муҳити физикии таълимро ҳамчун воситаи педагогӣ ва иштирокчии фаъоли таълим эътироф мекунад.

**Салоҳиятҳои калидӣ (асосӣ, умумӣ, 4С ё 4К+)** – Маҷмӯи салоҳиятҳои асосии асри 21 — тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ, ки метавонанд тавассути тарҳрезии мақсадноки фазо дастгирӣ ёбанд.

**Чаҳорчӯбаи SIN** – Моделе аз лоиҳаи HEAD-и Британияи Кабир, ки чӣ тавр се ҷанба ба натиҷаҳои омӯзиш таъсир расонандро тавсиф меекунад:

- **Ҳавасмандкунӣ** (Stimulation): таваҷҷуҳи мутавозини визуалӣ/мураккабие, ки ҷалбро бидуни парешонхотирӣ дастгирӣ мекунад.
- **Фардикунонӣ** (Individualisation): соҳибӣ ва тағйирпазирие, ки ба хонандагон/омӯзгорон имкон медиҳад, ки муҳитро мутобиқ созанд.
- **Табиӣ будан** (Naturalness): рӯшноӣ, ҳарорат, сифати ҳаво (омилҳои бароҳатие, ки тамаркуз ва некӯаҳволиро дастгирӣ мекунанд).



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Инфиродӣ ва ё гуруҳӣ андеша намоед:

Дар бораи муассисаи таълимии худ фикр кунед. Тарҳбандии синфхонаҳо, долонҳо ва деворҳо ба омӯзгорону хонандагон чӣ мегӯянд? Муҳит кадом қоидаҳо ё одатҳои ногуфтаро тақвият медиҳад? Оё омӯзгорон худро дар тағйир додани тарҳбандии муҳит озод ҳис мекунанд? Мо дар бораи назорат, эҷодкорӣ ё ҳаракати хонандагон чӣ гуна паёмҳои ногуфта мефиристем?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 2.1-ро бодиққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 2.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 2.1.**

**Чаро муҳит муҳим аст – консепсияи «Омӯзгори сеюм»**

Солҳои 1940-ум, омӯзгор ва равоншиноси пешқадами итолиёвӣ Лорис Малагутси равиши Редҷо Эмилияро ба омӯзиш дар асоси он бунёд гузошт, ки кӯдакон тавассути таомул инкишоф меёбанд: аввал бо калонсолон – волидон ва омӯзгорон – сипас бо ҳамсолон ва дар ниҳоят бо муҳити атроф. Муҳити физикӣ, ба гуфтаи Малагутси, **ОМӮЗГОРИ СЕЮМ** мебошад. Муҳити таълим ҳамчун «омӯзгори сеюм» танҳо пас аз таомули омӯзгор бо хонанда ва хонанда бо хонанда амал мекунад.

Дар фалсафаи таълимии Редҷо Эмилия, муҳити таълим на танҳо як замина, балки дар қатори калонсолон ва ҳамсолон фаъолона ҳамчун «омӯзгори сеюм» баррасӣ мешавад. Ин ғоя фазои физикиро ба як шарики педагогӣ табдил медиҳад, ки қасдан барои бедор кардани кунҷковӣ, таҳқиқот ва ифодаи эҷодӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ғояҳои асосии равиши Редҷо Эмилия:

- Кӯдак эҷодкунандаи дониш аст.
- Калонсол роҳнамо аст.
- Муҳит шарикест, ки таҳрик медиҳад, илҳом мебахшад ва роҳнамоӣ мекунад.

Дар мактабҳои Редҷо, ҳама чиз — деворҳои шаффоф, корҳои намоёни хонандагон, маводи дастрас мақсаднок аст. Ҳар як унсур қасдан барои таҳрики таҳқиқ, ҳамкорӣ ва ҳисси мансубият ҷойгир карда шудааст. Ин муҳит омӯзишро дар шаклҳои гуногун дастгирӣ мекунад. Вақте ки хонандагон бо муҳити мақсаднок тарҳрезишуда таомул мекунанд, муҳити таълим таҷрибаи онҳоро тавассути пешниҳоди имкониятҳо барои кашфиёт ва ҷалби устувор фаъолона ташаккул медиҳад. Он ба ҳамкорӣ, ҳалли масъалаҳо ва таҳлил ҳама бидуни дастури мустақими омӯзгорон ташвиқ мекунад. Муҳит ҳамчун воситаи педагогӣ баррасӣ мешавад.

Хулоса, консепсияи «омӯзгори сеюм» таъкид мекунад, ки мактабҳо на танҳо ҷойҳои таълим, балки омӯзгороне мебошанд, ки арзишҳо, имкониятҳо ва эҳтиром ба мустақилияти хонандаро мерасонанд. Муҳит чӣ гуна бидуни калима таълим медиҳад? Тавассути ишораҳои ғайривербалӣ: тарҳбандӣ, садоҳо, овезаҳо, садои омӯзгор. Ҳар як мактаб паём мефиристад, ҳатто агар ғайришуурона бошад ҳам ва хонандагон ҳамеша ин ишораҳоро тафсир мекунанд.

**Салоҳиятҳо ва хусусиятҳои фазо**

Омӯзиш аз **якрангию мутобиқат** ба **фардикунонидашуда ва муштарак** — аз **расонидани дониш** аз ҷониби омӯзгор ба **омӯзиши таҳти роҳбарии** хонанда гузаштааст, дар ҳоле ки дарсҳо дар муҳитҳои гуногун ва на ҳатман дар як синфхонаи дорои тарҳбандии якхела гузаронида мешаванд. Омӯзиши ба рушди салоҳиятҳо асосёфта на танҳо расонидани донишро талаб мекунад. Хонандагон бояд салоҳиятҳои калидиро фаъолона таҷриба кунанд: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ. Ин салоҳиятҳо ҳамкорӣ, баррасӣ ва таҷрибаҳои амалиро талаб мекунанд, ки ҳамаи онҳо аз тарҳрезии муҳит сахт вобастаанд.

| Салоҳият | Хусусиятҳои муҳит |
|---|---|
| **Тафаккури интиқодӣ** | Барои баррасии ҳалли масъалаҳо ба гурӯҳҳо тақсим шудан |
| **Эҷодкорӣ** | Муҳити тағйирпазир барои лоиҳаҳо, расмкашӣ ва сохтан |
| **Муошират** | Тарҳбандии рӯ ба рӯ, минтақаҳо барои баррасии байниҳамдигарӣ |
| **Ҳамкорӣ** | Мизҳо барои кори муштарак, муҳит барои гурӯҳҳо |

**Чӣ гуна муҳит ба омӯзиш таъсир мерасонад**

Таҳқиқоти зиёди байналмилалӣ тасдиқ мекунанд, ки байни муҳити таълим ва дастовардҳои хонандагон дар чор самти асосӣ робита вуҷуд дорад:

- **Фаъолияти зеҳнӣ:** вақте ки хонандагон тавре ҷойгир мешаванд, ки якдигарро бинанд, озодона ҳаракат кунанд ва ба мавод дастрасӣ дошта бошанд, онҳо беҳтар ҷалб мешаванд, масъалаҳоро фаъолонатар ҳал мекунанд ва донишро дарозмуддат дар хотир нигоҳ медоранд.
- **Некӯаҳволии эмотсионалӣ:** муҳити бароҳат ва хушпазир изтиробро коҳиш дода, ба хонандагон дар эҳсоси амният кӯмак мекунад. Ин ба иштирок, таваккал кардан ва омӯзиши байниҳамдигарӣ мусоидат мекунад.
- **Ҳамкории иҷтимоӣ:** тарҳбандии тағйирпазири ҳамкорӣ, баррасии гурӯҳӣ ва омӯзиши байниҳамдигариро дастгирӣ мекунад, ки ҳамаи ин барои рушди салоҳиятҳои асри 21 муҳим аст.
- **Ҳаракатнокии омӯзгор:** вақте ки омӯзгорон дар синфхона ба осонӣ ҳаракат мекунанд, онҳо метавонанд хонандагонро аз наздик мушоҳида намоянд, сари вақт аксуламал пешниҳод кунанд ва таълимро дар асоси ниёзҳои хонандагон мутобиқ созанд.

**Чаҳорчӯбаи SIN**

Чаҳорчӯбаи SIN дар асоси таҳқиқоти лоиҳаи HEAD-и Британияи Кабир (Таҳлили ҳамаҷониба ва тарҳрезӣ) таҳия шудааст, ки таҳқиқоти чандинсолаи Донишгоҳи Салфордро дар бар мегирад, ки таъсири муҳити физикии синфхонаро ба натиҷаҳои омӯзиши хонандагон таҳлил мекунад. Дар доираи таҳқиқот зиёда аз 150 синфхона дар саросари Британияи Кабир омӯхта шуд ва саҳми омилҳои мушаххаси муҳити ба пешрафти хонандагон дар давоми як соли хониш баҳогузорӣ карда шуд. Таҳқиқот ба хулосае омад, ки мактабҳои ибтидоии хуб тарҳрезишуда дастовардҳои таълимии кӯдаконро дар хондан, навиштан ва математика баланд мебардоранд.

**Далели асосии лоиҳаи HEAD:** Хусусиятҳои физикии синфхонаҳо то 16% тафовутро дар натиҷаҳои омӯзиши хонандагон ташкил медиҳанд. Ин таъсир ҳатто вақте ки сифати омӯзгор, барномаи таълим ва захираҳо ба назар гирифта мешаванд, боқӣ мемонад. Модели SIN — ҳавасмандкунӣ, фардикунонӣ ва табиӣ будан — омилҳоеро тавсиф медиҳад, ки ба пешрафти хонандагон таъсир мерасонанд ва ҳадафи он кумак ба таълимгирандагон ва татбиқкунандагон дар арзёбӣ ва беҳтар намудани муҳити таълим мебошад.



**Хулосаи ҷанбаҳои SIN:**

| Ҷанба | Таносуб | Унсурҳо |
|---|---|---|
| S – Ҳавасмандкунӣ (Stimulation) | 23% | Мураккабӣ ва ранг.<br>Таваҷҷуҳи мутавозини визуалӣ якрангиро бидуни сарборӣ пешгирӣ мекунад; намоишҳо бояд омӯзишро дастгирӣ кунанд, на парешон созанд. |
| I — Фардикунонӣ (Individualisation) | 28% | Соҳибӣ ва тағйирпазирӣ.<br>Муҳитҳое, ки ҷалби шахсиро имкон медиҳанд, масалан, хонандагон ҷойҳои нишастро иваз мекунанд, дар ороиши деворҳо саҳм мегузоранд, ҳисси соҳибиро тақвият мебахшанд. |
| N — Табиӣ будан (Naturalness) | 49% | Рӯшноӣ, ҳарорат ва сифати ҳаво.<br>Омилҳои асосии бароҳатӣ заминаро ташкил медиҳанд. |

**Алоқамндии SIN бо салоҳиятҳои калидӣ**

| Ҷанбаи SIN | Чӣ гуна салоҳиятҳои калидиро дастгирӣ мекунад |
|---|---|
| Табиӣ будан | Таваҷҷуҳ ва тамаркузро афзоиш медиҳад → тафаккури интиқодӣ ва эҷодкориро дастгирӣ мекунад |
| Фардикунонӣ | Интихоб ва тағйирпазириро ташвиқ мекунад → ба ҳамкорӣ ва муошират имкон медиҳад |
| Ҳавасмандкунӣ | Кунҷковӣ, таомули зеҳниро даъват мекунад → эҷодкорӣ ва тафаккури интиқодиро таҳрик медиҳад |

**Таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ дар Федератсияи Русия (2019)**

Бонки Ҷаҳонӣ барои таҳлили робитаи байни муҳити таълимии муассисавӣ ва натиҷаҳои хонандагон аз ду восита: пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои OECD (SUS) ва озмоиши Таҳқиқоти байналмилалии сифати таълими математика ва илмҳои табиӣ (TIMSS 2019) дар се минтақаи Русия истифода кард.

Интихоб: 1550 хонандаи синфи 8, 160 омӯзгор ва 32 директори муассисаи таълимӣ.

Таҳқиқот тасдиқ кард, ки хусусиятҳои инфрасохтори муассиса ва тарзи истифодаву ҷобаҷогузории муҳити таълим бо омӯзиш робита доранд ва ба натиҷаҳои омӯзиш, ки тавассути TIMSS чен карда шудаанд, таъсир мерасонанд.

Тавре ки пурсишномаҳои дар муассисаҳои Русия гузаронидашуда нишон доданд, ки усулҳои гуногуни таълим дар ин кишвар истифода мешаванд. Омӯзгорони рус таълими дастaвиро амалӣ мекунанд, аммо хеле кам. Ҳангоми истифода, таълими дастaвӣ ва кори гурӯҳӣ ба натиҷаҳои хонандагон таъсири назарраси оморӣ доранд, ки ин метавонад **фосилаи омӯзишии аз се ду ҳиссаи солро,** ки тавассути TIMSS чен карда шудааст, шарҳ диҳад.

Далелҳо нишон медиҳанд:

1. **Фазо рафторро ташаккул медиҳад.** Тарзи ҷойгиркунии мебел ба хонандагон мегӯяд, ки чӣ гуна рафтор кунанд. Қаторҳо ба гӯш кардани ғайрифаъол ташвиқ мекунанд; гурӯҳҳо ба ҳамкорӣ ташвиқ мекунанд. Роҳҳои ҳаракат ишора медиҳанд, ки чӣ иҷозат ва чӣ манъ аст.
2. **Фазо ба таваҷҷуҳ таъсир мерасонад.** Рӯшноии хуб, ҳавои тоза, ҳарорати бароҳат ва тарҳи зебои визуалӣ ба хонандагон кумак мекунанд, ки диққати худро дарозмуддат нигоҳ доранд ва хастагиро коҳиш диҳанд. Муҳити номусоид метавонад боиси парешонхотирӣ, ноумедӣ ё ҳатто нороҳатии ҷисмонӣ гардад.
3. **Фазо таълимро дастгирӣ мекунад (ё маҳдуд месозад).** Баъзе равишҳои таълим — кори гурӯҳӣ, ҳалли масъалаҳо, таълими байниҳамдигарӣ тарҳбандии тағйирпазирро талаб мекунанд. Агар фазо собит бошад, ин усулҳо мушкил мешаванд.
4. **Фазо арзишҳоро интиқол медиҳад.** Тарҳ ва ороиши синфхона паёмҳо мефиристад:

- Оё корҳои хонандагон намоиш дода шудаанд?
- Оё маводди таълимӣ дастрасанд?
- Оё синфхона ҳисси кунҷковиро бедор мекунад?

5. **Фазо ба амнияти эмотсионалӣ таъсир мерасонад.** Фазоҳои намоён ва кушод барои пешгирии зӯроварӣ ва мусоидат ба фарогирӣ кумак мекунанд. Унсурҳои дастрасӣ (масалан, пандусҳо, долонҳои васеъ) иштироки ҳамаи хонандагон, аз ҷумла онҳоеро, ки маъюбият доранд, таъмин мекунанд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

- Фазо заминаи бетараф нест — он воситаи педагогӣ буда, таълим, омӯзиш ва рафторро ташаккул медиҳад.
- Чаҳорчӯбаи SIN барои таҳлил ва беҳтар намудани фазои таълим сохтори равшанро пешниҳод мекунад.
- Такмили ҳавасмандкунӣ, фардикунонӣ ва табиӣ будан метавонад салоҳиятҳои калидиро тақвият бахшад.
- Унсурҳои физикӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоии фазо барои дастгирӣ ё монеъ шудан ба омӯзиш бо ҳам таъсир мерасонанд.
- Тасҳеҳоти хурди камхарҷ метавонанд ҳатто бидуни биноҳои нав таъсири назаррас дошта бошанд.
- Тағйироти одӣ дар тарҳрезии фазо метавонанд салоҳиятҳои асри 21 (аз ҷумла салоҳиятҳои калидӣ)-ро фаъол созанд.

**Нақши омӯзгорон:**

- тарҳрезии мақсадноки фазоро барои имконпазир сохтани ҳамкорӣ, ҷалб ва фарогирӣ пешбинӣ менамояд.
- омӯзгорон метавонанд далелҳои байналмилалиро ба амалҳои имконпазири маҳаллӣ табдил диҳанд.
- омӯзгор на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки мусоидаткунандаи эҷоди муҳтаво мебошад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Доир ба муҳтаво:**

- Ба андешаи шумо, «Муҳит ҳамчун омӯзгори сеюм» чӣ маъно дорад?
- Кадом ҷанбаи SIN дар шароити шумо таъсирбахштар ба назар мерасад ва чаро?

**Аз ғоя ба амалия:**

- Тағйироти хурдеро номбар кунед, ки моҳи оянда ворид карда метавонед ва он як ҷанбаи SIN-ро тақвият мебахшад.
- Он тағйирот чӣ гуна яке аз салоҳиятҳои калидиро дар фани шумо дастгирӣ хоҳад кард?

**Нукта барои рушди шахсӣ:**

- Кадом тасаввуроти нодурустро дар бораи муҳит дар муассисаи худ зери шубҳа мегузоред?
- Барои тасдиқи андешаи худ кадом далел ё мисолро истифода хоҳед бурд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 2.1.**

**Ба саволҳои зерин дар бораи Чаҳорчӯбаи SIN ҷавоб диҳед:**

1. Кадом омили Чаҳорчӯбаи SIN таъсири бештар дорад?
   Ҷавоб:________________
2. Фоизи таъсири рӯшноӣ/ҳаво/ҳарорат чанд аст?
   Ҷавоб:________________
3. Як чорабинии камхарҷро барои фардикунонӣ номбар кунед.
   Ҷавоб:________________

**Изҳоротро хонед ва интихоб кунед, ки онҳо Дуруст ё Нодуруст мебошанд:**

1. Чаҳорчӯбаи SIN аз пурсиши ҷаҳонии хонандагон дар Амрикои Ҷанубӣ сарчашма гирифтааст.
   Ҷавоб:________________
2. Табиӣ будан қариб нисфи таъсирро ба натиҷаҳои омӯзиш ташкил медиҳад
   Ҷавоб:________________
3. Илова кардани овезаҳои бештар ва рангҳои дурахшон ҳамеша ҳавасмандкуниро беҳтар мекунад
   Ҷавоб:________________
4. Фардикунонӣ маънои онро дорад, ки хонандагон метавонанд муҳити худро мутобиқ ё фардӣ созанд.
   Ҷавоб:________________
5. Муҳит бо ҳарорати номусоид ба омӯзиши хонандагон мусоидат намекунад.
   Ҷавоб:________________

**Таҳлили шахсӣ доир ба Мавзуи 2: Лутфан, дар дафтар ба саволҳои зер ҷавоб нависед:**

| |
|---|
| Як далели наве, ки ман имрӯз омӯхтам: |
| Иттилооте, ки назари маро тағйир дод/метавонад тағйир диҳад: |

## МАВЗУИ 3

# Муҳити физикии таълим дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ЧМ) сифати таҳсилотро дар Тоҷикистон тавассути чор рукни ба ҳам алоқаманд муайян мекунад: идоракунӣ/менеҷменти маориф, муҳити педагогӣ, муҳити физикӣ ва арзёбӣ/кафолати сифат.
- ЧМ муҳити физикиро ҳамчун қисматҳои асосии сифати таълим ҳамгиро намуда, ба тағйирпазирӣ, фарогирӣ, бехатарӣ ва самаранокии педагогӣ таъкид мекунад.
- Бозёфтҳои асосии арзёбии TEACH ҷиҳатҳои қавии фарҳанги синфхона, вале заъфҳоро дар таҳкими ҳамкорӣ, мустақилият ва малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ нишон медиҳанд, ки аксар вақт ба маҳдудиятҳои фазоӣ вобастаанд.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Муайян ва шарҳ додани чор рукни ЧМ ва чӣ гуна фазои физикии таълимро дастгирӣ намудани он.
- Баррасӣ намудани маълумоти TEACH ва SUS дар робита ба фазои синфхона ва омӯзиш.
- Дарк кардани он ки чӣ тавр чаҳорчӯбаҳои миллӣ ва натиҷаи пурсишҳо метавонанд барои тағйироти амалии камхарҷ дар муассиса асос шаванд.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- ЧМ фазоро бо сифати таълим чӣ гуна мепайвандад?
- Кадом рафторҳои TEACH аз ҷониби тарҳбандии кунунии синфхонаҳо бештар маҳдуд карда мешаванд?
- Маълумоти SUS дар бораи фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон аз муҳит дар Тоҷикистон чиро ошкор мекунад?
- Чӣ тавр мо метавонем беҳтар кардани муҳитро бидуни таъмири асосӣ оғоз кунем?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Қисмҳои асосии Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ЧМ) тавсиф кунед.
2. Чӣ тавр ЧМ муҳити физикиро ба таърифи худ дар бораи сифати таҳсилот дохил карданро шарҳ диҳед.
3. Бо натиҷаҳои асосии арзёбиҳои TEACH ва SUS дар Тоҷикистон, ки ба муҳити синфхона ва таҷрибаи омӯзгорӣ алоқамананд, шинос шавед.
4. Дар бораи нақши худ дар ташкили муҳит дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ андешаронӣ кунед.

## Муқаддима

Дар мавзуи қаблӣ далелҳои ҷаҳониро оид ба нақши муҳит дар беҳтар намудани раванди омӯзиш  омӯхтем. Ин мавзуъ далелҳоро бо шароити воқеии муассисаҳои мо мепайвандад. Омӯзгорон имрӯзҳо дар доираи Чаҳорчӯбаи нави миллӣ кор мекунанд, ки муҳитро ба таври возеҳ ҳамчун як рукни сифати таҳсилот дар бар мегирад. Дар баробари Чаҳорчӯба, мо далелҳои зиёдеро аз воситаи мушоҳидаи синфхонаҳои TEACH ва натиҷаи пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (SUS) дорем, ки ҳам ҷиҳатҳои қавӣ ва ҳам мушкилотро дар истифодаи муҳит нишон медиҳанд. Дарки ин бозёфтҳо кумак мекунад, то муайян созед, ки кадом тағйироти хурди имконпазир метавонанд таъсири калонтаринро расонанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** (ЧМ): ҳуҷҷати густурдаи соҳавист, ки барои беҳтар кардани муҳити таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ва фароҳам овардани заминаи рушди устувору беҳбуди натиҷаҳои таҳсилот вобаста ба муҳити таълим таҳия карда шудааст. Чаҳорчӯба сохтореро муайян менамояд, ки барои ташаккули тағйирот: аз равишҳо дар ташкили фазо то бознигарии меъёрҳои муваффақияти хонанда, хизмат мекунад.

**TEACH**: воситаи мушоҳидаи синфхонаҳои Бонки ҷаҳонӣ, ки сифати таълимро тавассути фарҳанги синфхона, таҷрибаҳои таълимӣ ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ арзёбӣ мекунад.

**Пурсиши истифодабарандагони мактаб (SUS):** пурсише, ки дар асоси методологияи Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) барои Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст ва дарки омӯзгорону хонандагонро аз муҳити мактабии худ ҷамъ меорад.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро алакай медонед ва мефаҳмед?**

Инфиродӣ ва ё дар гурӯҳ андеша намоед: биёед, ба консепсияи «Муҳит омӯзгори сеюм аст» тамаркуз кунем. Ин барои шумо чӣ маъно дорад? Лутфан, 3 паёмеро, ки ин консепсия ба шумо мерасонад, нависед.

Фикр кунед, ки чӣ тавр метавонед инро ба шахсе, ки омӯзгор нест, ба осонӣ шарҳ диҳед.

Дар андешаи «муҳит ҳамчун омӯзгор» барои шумо чӣ чизи нав ё ғайриинтизор буд?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 3.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 3.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.1.**

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақсади асосии Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. ЧМ маорифро ҳамчун системае баррасӣ мекунад, ки аз чор рукни ба ҳам алоқаманд иборат аст:

- Идоракунӣ/менеҷменти маориф.
- Муҳити педагогӣ.
- Муҳити физикӣ.
- Арзёбӣ ва кафолати сифати таҳсилот.

**Идоракунӣ/менеҷменти маориф** асоси системаи маорифро ташкил дода, чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ, дидгоҳи умумӣ ва тафсилотро доир ба маблағгузорӣ ва идоракунии мактабҳо дар бар мегирад.

**Муҳити педагогӣ** барномаи таълимӣ, нақши омӯзгорон ва талаботи омӯзишро баррасӣ мекунад.

**Муҳити физикӣ** ҳамаи стандартҳо ва хусусиятҳои фазо/бинои мактабро пешниҳод мекунад; он аз ҷумла, стандартҳоро барои дастрасӣ, устувории сохтор, рӯшноӣ, ҳавотозакунӣ, гармидиҳӣ, андозаҳои ҳадди ақалро дар бар мегирад.

Боби **арзёбӣ ва кафолати сифати таҳсилот** бо ҳар се рукни дар боло зикршуда алоқаманд аст, то сифати таҳсилотро арзёбӣ ва беҳтар намояд. Он арзёбии хонандагон ва инчунин муҳити физикиро баррасӣ мекунад.

Як навоварии ЧМ дар он аст, ки он зарурати **мутобиқ кардани муҳити физикиро ба фаъолиятҳои таълимии мактаб** баррасӣ мекунад. Мувофиқи ЧМ, муҳити физикии мактаб бояд ба талаботи муосири раванди таълим ҷавобгӯ ва бояд **тағйирпазир** бошад:

- Синфхонаҳо ва дигар биноҳои таълимӣ метавонанд вобаста ба фаъолияти таълимӣ (кори инфиродӣ ва гуруҳӣ, маҳфилҳо ва ғ.) ба осонӣ мутобиқ карда шаванд.
- Муҳити умумӣ (толорҳои варзишӣ ва маҷлисгоҳҳо, китобхонаҳо) барои мақсадҳои гуногунсамт тарҳрезӣ шаванд.
- Минтақаҳои гуногуни муҳити физикӣ метавонанд бо истифода аз деворҳои қадшаванда ва лағжанда пайваст карда шаванд.

- Минтақаҳои барои кори гурӯҳӣ вуҷуд доранд ва онҳо шакли гӯшаҳои бароҳат, катҳо ва фазоҳои кушодро мегиранд, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳо кор, муоширaт ва ҳамкорӣ менамоянд.
- Барои омӯзиши инфиродӣ ва ҳамкории байни хонандагон, бо назардошти малакаҳо ва рафторҳои гуногуни омӯзишии онҳо, фазо ва минтақаҳо пешбинӣ шудаанд.

Боби «Мактаби оянда» нишон медиҳад, ки чӣ тавр муҳити босифати таълим бояд хусусиятҳои зеринро дар бар гирад:

- **Муҳити фарогир, бехатар ва солим.** Хонандагон бояд дар ҳамаи минтақаҳои таълимӣ худро дар амният, дастгирӣ ва бароҳатӣ ҳис кунанд.
- **Синфхонаҳои аз ҷиҳати педагогӣ самаранок.** Синфхонаҳо бояд ба кори гурӯҳӣ, ҳаракати омӯзгор, намоён будан ва тарҳбандии тағйирпазир имкон диҳанд.
- **Омӯзиш берун аз синфхона.** Долонҳо, деворҳо, майдончаҳои беруна ва муҳити муштарак низ бояд барои омӯзиш истифода шаванд — на танҳо синфхонаҳо.

**Натиҷаҳои пурсиши TEACH**

TEACH воситаи мушоҳида мебошад, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ таҳия шуда, дар бисёр кишварҳо барои дарк кардани он истифода мешавад, ки таълим дар синфхона дар амал лаҳза ба лаҳза чӣ гуна сурат мегирад**.** Он маълумотро дар бораи сифати таълим ва ҳамкории байни омӯзгорону хонандагон дар синфхона ҷамъ меорад. TEACH ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки чӣ тавр омӯзгорон муҳити мусоиди таълимро эҷод карда, аз стратегияҳои педагогӣ истифода мебаранд, сифати робитаи мутақобиларо таъмин мекунанд, ки чӣ гуна онҳо иштирок, мустақилият ва ҷалбро ташвиқ мекунанд.

Воситаи TEACH вақтеро, ки омӯзгорон ба таълим сарф мекунанд ва сифати таҷрибаҳои таълимиро, ки малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ва маърифатии хонандагонро рушд медиҳанд, дар се самти васеъ мушоҳида мекунад: фарҳанги синфхона; таълим; малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ.

Ин се самт аз 9 унсур иборатанд.

| Самти TEACH | Унсурҳо |
|---|---|
| **Фарҳанги синфхона** | |
| Фарҳанги синфхона ба он тамаркуз мекунад, ки чӣ тавр омӯзгор:<br>(i) тавассути муносибати эҳтиромона бо хонандагон, истифодаи муносибати мусбат, посух додан ба ниёзҳои хонандагон, мубориза бо стереотипҳои гендерӣ, маъюбият ва нишон надодани ин гуна таассуб дар синфхона *муҳити мусоиди таълимро* бунёд мекунад.<br>(ii) тавассути муқаррар кардани интизориҳои равшани рафтор, эътирофи рафтори мусбат ва самаранок ислоҳ кардани рафтори нодуруст *интизориҳои мусбати рафторро* эҷод мекунад. | • Муҳити мусоиди таълим<br>• Интизориҳои рафтори мусбат |
| **Таълим** | |
| Таълим ба он таваҷҷуҳ мекунанд, ки чӣ тавр омӯзгор:<br>(iii) тавассути баёни ҳадафҳои дарс, шарҳи мухтаво бо истифода аз шаклҳои гуногуни муаррифӣ, алоқаманд кардани фаъолиятҳои омӯзишӣ бо фаъолияти хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон ва намуна нишон додани фаъолиятҳо тавассути иҷро ё шарҳи раванд *дарсро ба роҳ мемонад*.<br>(iv) тавассути истифодаи саволҳо барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонандагон, назорати кори гурӯҳӣ, мустақилона ва мутобиқ кардани таълим ба сатҳи хонандагон *фаҳмишро месанҷад*. | • Мусоидат ба дарс<br>• Санҷиши фаҳмиш<br>• Робитаи мутақобила<br>• Тафаккури интиқодӣ |

| | |
|---|---|
| (v) тавассути пешниҳоди шарҳҳои мушаххас барои равшан кардани нофаҳмиҳои хонандагон ё муайян кардани муваффақиятҳои онҳо робитаи мутақобила *анҷом медиҳад*.<br>(i) тавассути додани саволҳои навъи кушода ва пешниҳоди супоришҳо барои андешаронӣ барои фаъолона таҳлил кардани муҳтаво *хонандагонро ба тафаккури интиқодӣ ташвиқ мекунад*. | |
| **Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ** | |
| Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ ба он тамаркуз мекунад, ки чӣ тавр омӯзгор:<br>(vi) тавассути додани имкон ба хонандагон барои интихоб кардан ва иҷрои нақшҳои муҳим дар синфхона *мустақилиятро ташаккул медиҳад*.<br>(vii) тавассути эътирофи кӯшишҳои хонандагон ва тамаркуз накардан танҳо ба зеҳн, доштани муносибати мусбат ба мушкилоти хонандагон ва ташвиқи хонандагон барои гузоштани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат *матонатро ташвиқ мекунад*.<br>(viii) тавассути ташвиқи ҳамкорӣ ва муошрати байниҳамдигарӣ пешбурди малакаҳои байнишахсӣ, ба монанди дарки нуқтаи назар, ҳамдилӣ, танзими эҳсосот ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ *малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро тақвият медиҳад*. | • Ташвиқи мустақилият<br>• Матонат<br>• Малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ |

Воситаҳои TEACH аз 9 унсур ва 29 рафтори омӯзгорон иборат аст. Ин рафторҳо аз ҷониби мушоҳидони омӯзонидашуда таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешаванд.

Арзёбии TEACH дар Тоҷикистон моҳҳои апрел-майи соли 2025 дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 мактаби назоратии таҳсилоти миёнаи умумӣ (ҷамъ: 130 мактаб) дар чор минтақаи Тоҷикистон: Хатлон, Суғд, НТҶ ва ВМКБ баргузор шуд. Дар доираи он фаъолияти омӯзгорони синфҳои 7-11 дар зиёда аз 400 синфхона мушоҳида ва таҳлил карда шуд.

**Пурсиши TEACH, Тоҷикистон 2025 — Бозёфтҳо асосӣ:**

- Фарҳанги синфхона қавӣ аст: 83% мактабҳои лоиҳавӣ аз рӯи муҳити мусоиди таълим баҳои хуб гирифтанд.
- Малакаҳои таълимӣ миёна мебошанд: Омӯзгорон баъзе усулҳои баррасӣ ва робитаи мутақобиларо истифода мебаранд, аммо на ба таври доимӣ.
- Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ заиф мебошанд: Танҳо 14% омӯзгорон дар муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ барои ташвиқи ҳамкории хонандагон, мустақилият ё омӯзиши иҷтимоӣ аз 5 холи имконпазир зиёда аз 3 хол гирифтанд.

| Самти TEACH | Бозёфтҳо |
|---|---|
| *Фарҳанги синфхона* | **Аз ҳама самаранок:** муносибати эҳтиромона бо хонандагон ва истифодаи муносибати мусбат.<br>**Ғайрисамаранок:** мубориза бо стереотипҳои манфии гендерӣ ва маъюбӣ. |
| *Таълим* | **Аз ҳама самаранок:** мусоидат ба дарс ва санҷиши фаҳмиш.<br>**Қисман самаранок:** пешниҳоди робитаи мутақобила ва кор доир ба малакаҳои тафаккури интиқодӣ. |
| *Малакаҳои иҷтимоӣ-эмотсионалӣ* | **Қисман самаранок:** фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди мустақилият ва матонати хонандагон.<br>**Ғайрисамаранок:** ташвиқи малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ. |

**Тавсияҳое**, ки дар гузориши Пурсиши TEACH пешниҳод шудаанд, ба масъалаҳои зерин тамаркуз мекунанд:

- баланд бардоштани иқтидори омӯзгорон дар фароҳам овардани имкониятҳо барои ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкории хонандагон;
- ташвиқи омӯзгорон барои пешбурди мустақилият ва матонати хонандагон бо мақсади тақвияти ҳавасмандии онҳо ба омӯзиш ва қобилияти паси сар кардани мушкилот;
- такмил додани қобилияти омӯзгорон дар пешниҳоди дарсҳое, ки малакаҳои тафаккури интиқодии хонандагонро рушд медиҳанд;
- рушди иқтидори омӯзгорон дар пешниҳоди робитаи мутақобилае, ки ба хонандагон имкон медиҳад, то бифаҳманд, ки чаро ва кай дар синф муваффақ шуданд.
- баланд бардоштани иқтидори ҳамаи омӯзгорон дар мубориза бо стереотипҳо ва таассубҳои марбут ба гендер ва шахсони дорои маъюбият.

**Бозёфтҳои Пурсиши истифодабарандагони мактаб (SUS)**

Пурсиши истифодабарандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ (SUS) дар асоси воситаҳои OECD, ки моҳҳои март-апрели соли 2025 дар Тоҷикистон мутобиқ ва гузаронида шуд, аз хонандагон, омӯзгорон ва директорони мактабҳо дар бораи муҳити физикии таълимашон пурсиш кард. Интихоби пурсиш аз истифодабарандагони 130 мактаб иборат буд: 6,984 хонандаи синфҳои 7–11, 2,698 омӯзгор ва 130 директори мактаб ба саволҳои пурсиш ҷавоб доданд.

Ҷиҳати қавии SUS дар он аст, ки он ба одамоне, ки ҳар рӯз аз ин муҳит истифода мебаранд, имкони изҳори ақида медиҳад. Онҳо чиро пай мебаранд? Чӣ ба омӯзиш кумак мекунад ё монеъ мешавад?

Пурсиши истифодабарандагони мактаб маълумотро дар бораи ҳарорат, сифати ҳаво, садо, тақсимот ва истифодаи фазо, тарҳбандӣ гуногуни фазоӣ, мебел, технология ва бехатарӣ ҷамъ меорад. Пурсиши истифодабарандагони мактаб ба **панҷ самт** тамаркуз мекунад:

- муҳити физикӣ ва истифодаи он;
- истифодаи технология;
- бароҳатӣ ва бехатарӣ;
- дарки муҳити таълим;
- қаноатмандии умумӣ аз шароити мактаб.

Пурсиши истифодабарандагони мактаб ба посухдиҳандагон чор тарҳбандии гуногунро пешниҳод карда, афзалиятҳои онҳоро мепурсад [навъи A: барои муаррифӣ рӯнамо); навъи B: кори гурӯҳӣ; навъи C: омӯзиши инфиродӣ (фардӣ); навъи D: таълими дастаӣ (дар гурӯҳҳои хурд)].




Шароити анъанавии синфхонаҳо ва усулҳои таълим бартарӣ доштанд. Омӯзгорон дар бораи истифодаи маҳдуди муҳити таълимии муштарак ва набудани иншооти махсусгардонидашуда гузориш доданд.

Омӯзгорон дар маҷмуъ дар бораи роҳбарияти мактаб тасаввуроти мусбат доштанд, аммо аз мувофиқ набудани биноҳои мактаб ба фаъолияти омӯзгории худ изҳори нигаронӣ карданд. Мушкилоти бароҳатии ҳарорат (дар зимистон хеле хунук ва дар тобистон хеле гарм будан) маъмул буд. Садои беруна дар синфхонаҳо як омили ҷиддии парешонкунандаи таваҷҷуҳ буд. Нигарониҳо дар бораи бехатарӣ дар биноҳои мактаб дар байни омӯзгорон ва хонандагон маъмул буданд. Мушкилот бо сифати ҳаво, садо ва бехатарӣ инчунин ба некӯаҳволии хонандагон ва омӯзгорон таъсир мерасонанд. Дастрасӣ ба технологияҳои муосир ба монанди тахтаҳои интерактивӣ, проекторҳо ва интернет ва истифодаи онҳо маҳдуд буд.

**Пурсиши истифодабарандагони мактаб (SUS), Тоҷикистон 2025 — Бозёфтҳои асосӣ:**

| Мушкилӣ | Омор/ Хулоса |
|---|---|
| Ҷойивазкунии мебел душвор аст | 72% мегӯянд, ки ин пеш аз дарс душвор аст, 79% мегӯянд, ки дар давоми дарс душвор аст. |
| Қаноатмандӣ аз синфхона паст аст | Танҳо 37% омӯзгорон дар мактабҳои лоиҳавӣ аз фазои таълимии худ изҳори қаноатмандӣ мекунанд. |
| Ҳарорат ва рӯшноӣ барои хонандагон муҳим аст | 33% писарон ва 29% духтарон мегӯянд, ки ҳарорат ба сифати омӯзиши онҳо бештар таъсир мерасонад. |
| Усули таълим бетағйир боқӣ мемонад | Таълими мустақим (Навъи A) то ҳол бартарӣ дорад, усулҳои гурӯҳӣ кам истифода мешаванд. |
| Ҷойи таҷҳизот ба осонӣ иваз карда намешавад | 80% иваз кардани ҷойи таҷҳизот, ба монанди проекторҳо ё тахтаҳои электрониро мушкил меҳисобанд. |

**Супориши 2. Мутобиқ кардани рафтори TEACH бо муҳит**

**Шакли фаъолият**: кори гурӯҳӣ

Гурӯҳҳо рафторҳои зерини TEACH-ро баррасӣ мекунанд:

| № | Рафтори TEACH | Тавсифи рафтор |
|---|---|---|
| 1 | Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон мусоидат мекунад. | Омӯзгор ба ҳамкории назарраси хонандагон тавассути хоҳиш кардани кори якҷоя барои эҷоди ашё, ҳалли масъала, пур кардани варақаи корӣ ё муаррифии андешаи нав мусоидат мекунад. |
| 2 | Омӯзгор аксари хонандагонро ҳангоми кори мустақилона/гурӯҳӣ назорат мекунад. | Омӯзгор аксари хонандагонро тавассути гардиш дар синф ва наздик шудан ба хонандагони алоҳида ё гурӯҳҳо барои санҷиши фаҳмиши онҳо мунтазам назорат мекунад. |
| 3 | Омӯзгор дар дарс алоқамандиро бо дигар консепсияҳо нишон медиҳад. | Омӯзгор дарсро бо донишҳои дигари муҳтаво, ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон ё масъалаҳои воқеии ҷаҳон ба таври пурмазмун мепайвандад. |
| 4 | Омӯзгор таассуби гендерӣ нишон намедиҳад ва бо стереотипҳо дар синфхона мубориза мебарад. | Омӯзгор ба хонандагони ҳар ду ҷинс барои иштирок дар синфхона имкониятҳои баробар фароҳам меорад, аз ҳамаи хонандагон интизориҳои якхела дорад ВА бо стереотипҳои гендерӣ дар синфхона мубориза мебарад. |

Баррасии гурӯҳӣ барои ҳар як рафтор:
- Кадом муҳит ё тарҳбандӣ метавонад кумак кунад?
- Дар мактаби шумо чӣ чиз инро маҳдуд мекунад?
- Дастгирии кадом рафтор дар шароити кунунии шумо мушкилтар эҳсос мешавад?

Баррасиҳои гурӯҳӣ доир ба изҳороти SUS:
- Аксари омӯзгорон наметавонанд мебели синфхонаро ба осонӣ аз нав ҷобаҷо кунанд.
- Хонандагон ба ҳарорат ва муҳит ҳассосанд.
- Гарчанде ки аксарияти омӯзгорон аз тарҳбандии анъанавӣ истифода мебаранд, баъзе омӯзгорон тарҳбандии тағйирпазирро истифода мебаранд.

Ҳар як гурӯҳ баррасӣ мекунад:
- Шумо бо ин изҳорот розӣ ҳастед ё не? Чаро?
- Оё шумо инро дар мактаби худ дидаед?
- Чӣ чиз метавонад тағйир додани онро осонтар кунад?

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Бардоштҳои асосӣ**

1. ЧМ (Чаҳорчӯбаи миллӣ) фазои физикиро ҳамчун як муҳаррики асосии сифати таълим баррасӣ мекунад.
2. ЧМ интизориҳои равшан ва муштаракро дар бораи он ки чӣ гуна фазо омӯзишро дастгирӣ мекунад, пешниҳод менамояд.
3. Тарҳрезии нави муҳит расман як қисми сифати таълим дар Тоҷикистон мебошад.
4. Тағйирпазирӣ, фарогирӣ ва бехатарӣ дар муҳити физикӣ барои омӯзиши асри 21 муҳимманд.
5. Ҳам SUS ва ҳам TEACH тасдиқ мекунанд, ки маҳдудиятҳои муҳит педагогикаро, бахусус, ҳамкории хонандагонро, маҳдуд мекунанд.
6. Бозёфтҳои TEACH фарҳанги қавии синфхона, вале малакаҳои пасти таълимӣ ва иҷтимоӣ-эмотсионалиро аз сабаби намунаҳои муҳитӣ ва таълимӣ нишон медиҳанд.
7. Бозёфтҳои SUS нороҳатии муҳит ва монеаҳои амалиро барои мутобиқсозии муҳит, аз қабили мебели вазнин ва тарҳбандии собит, таъкид мекунанд.
8. ҳатто бидуни таъмири асосӣ, тағйироти хурди мақсаднок дар фазо метавонанд таълимро интерактивтар ва ба хонанда нигаронидашуда гардонанд.
9. Пешрафт қадамҳои камхарҷи амалиро талаб мекунад, на шароити идеалиро.

**Нақши омӯзгорон:**

- Ин имконият барои омӯзгорон аст, ки дар дохили синфхонаҳои худ навовар бошанд.
- Омӯзгорон аллакай хонандагони худро мешиносанд. Онҳо метавонанд муҳитро барои дастгирии омӯзиш, қадам ба қадам аз нав тарҳрезӣ кунанд.
- Барои оғоз кардан ба омӯзгорон таъмири гаронарзиш лозим нест.
- Директорон дар фароҳам овардани муҳит барои таҷрибаҳои бехатар шарикони калидӣ мебошанд.
- Оғози хурд эътимоди омӯзгорро ба худ афзун мекунад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Доир ба мухтаво:**

- Кадом рукни ЧМ ба фаъолияти таълими ҳаррӯзаи шумо бевосита бештар алоқаманд аст?
- Дар бозёфтҳои TEACH ё SUS шуморо бештар чӣ ба ҳайрат овард?

**Аз андеша ба амалия:**

- Кадом мутобиқсозии хурд ва камхарҷи муҳит метавонад яке аз маҳдудиятҳои дар маълумоти SUS ё TEACH муайяншударо ҳал кунад?

**Нукта барои рушди шахсӣ:**

- Як роҳе, ки шумо метавонед дар мактаби худ тарғибгари истифодаи беҳтари муҳит шавед, кадом аст?
- Барои ба таври фарзӣ беҳтар кардани бозёфтҳои TEACH ва SUS дар мактаби худ чӣ кор мекардед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 3.2**

**Санҷиши 1, дар бораи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот**

Мавзуъҳои зеринро хонед ва интихоб кунед, ки онҳо дар доираи кадом рукни Чаҳорчӯбаи миллӣ баррасӣ мешаванд [А. Идоракунӣ, Б. Муҳити педагогӣ, В. Муҳити физикӣ, Г. Арзёбӣ]:

| | |
|---|---|
| 1. Мақомоти ваколатдор доир ба арзёбӣ ва кафолати сифати таҳсилот | A B C D |
| 2. Нақши омӯзгор | A B C D |
| 3. Буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | A B C D |
| 4. Стандартҳои об, санитария ва гигиена (WASH) | A B C D |
| 5. Иҷозатдиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | A B C D |
| 6. Арзёбии дониши хонандагон | A B C D |
| 7. Талаботи асосӣ ба андоза, тарҳрезӣ ва сохтмони муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус | A B C D |
| 8. Равиш дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим | A B C D |

**Санҷиши 2.** Андешаҳоро хонда дуруст ё нодуруст будани онҳоро интихоб кунед:

| | | |
|---|---|---|
| 1. Дар синфхонаҳо бояд ба тарҳбандӣ тағйирпазир имкон дода шавад. | Дуруст | Нодуруст |
| 2. Зарурати мутобиқ кардани муҳити физикӣ ба таҷрибаҳои таълимӣ ҷузъи ЧМ нест. | Дуруст | Нодуруст |
| 3. Деворҳои лағжанда метавонанд барои пайваст кардани ду синфхона истифода шавад. | Дуруст | Нодуруст |
| 4. Китобхонаҳо барои мақсадҳои гуногунҷабҳа тарҳрезӣ шудаанд. | Дуруст | Нодуруст |
| 1. Долонҳо набояд барои омӯзиш истифода шаванд. | Дуруст | Нодуруст |

**Таҳлили шахсӣ доир ба мавзуи 2: Пас аз шиносоӣ бо сиёсати миллӣ ва маълумоти миллӣ, лутфан барои навиштан аз муҳити зерин истифода баред:**

Як консепсия аз «Мактаби оянда» ё аз бозёфтҳои пурсишҳои TEACH ва SUS, ки ба назари шумо барои маорифи миллӣ инноватсионӣ ва хеле зарур аст:

Як андешаи марбут ба муҳит, ки шумо санҷидан мехоҳед:

**Барои мубодилаи ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**

**ЗАМИМАИ 3.**

**Рӯйхати 29 рафторе, ки тавассути воситаи “TEACH барои синфҳои болоӣ» мушоҳида шуданд:**

## САМТИ A: МУҲИТИ МУСОИДИ ТАЪЛИМ

### 1. МУҲИТИ МУСОИДИ ТАЪЛИМ

1.1. Омӯзгор хонандагонро эҳтиром мекунад.
1.2. Омӯзгор бо хонандагон муошırати мусбатро истифода мебарад.
1.3. Омӯзгор ба ниёзҳои хонандагон посух медиҳад.
1.4. Омӯзгор таассуб нишон намедиҳад ва бо стереотипҳо дар синфхона мубориза мебарад: а. гендерӣ; б. маъюбӣ.

### 2. ИНТИЗОРИҲОИ РАФТОРИ МУСБАТ

2.1 Омӯзгор барои синфхона интизориҳои равшани рафтор муқаррар мекунад.
2.2 Омӯзгор рафтори мусбати хонандагонро эътироф мекунад.
2.3 Омӯзгор рафтори нодурустро ислоҳ мекунад ва ба рафтори интизоршаванда тамаркуз менамояд, на ба рафтори номатлуб.

## САМТИ B: ТАЪЛИМ

### 3. МУСОИДАТ БА ДАРС

### 4. САНҶИДАНИ ФАҲМИШ

4.1. Омӯзгор барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонандагон аз саволҳо, ишораҳо ё дигар стратегияҳо истифода мебарад.
4.2. Омӯзгор аксари хонандагонро ҳангоми кори мустақилона/гурӯҳӣ назорат мекунад.
4.3. Омӯзгор таълимро ба сатҳи хонандагон мутобиқ мекунад.

### 5. РОБИТАИ МУТАҚОБИЛА

5.1. Омӯзгор шарҳ ё ишораҳои мушаххасеро пешниҳод мекунад, ки ба равшан кардани нофаҳмиҳои хонандагон кумак мерасонанд.
5.2. Омӯзгор шарҳ ё ишораҳои мушаххасеро пешниҳод мекунад, ки ба муайян кардани муваффақиятҳои хонандагон кумак мерасонанд.

### 6. ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ

6.1. Омӯзгор саволҳои навъи кушод медиҳад.
6.2. Омӯзгор супоришҳои ба андешаронӣ водоркунанда пешниҳод мекунад.
6.3. Хонандагон супоришҳои ба андешаронӣ водоркунандаро иҷро мекунанд.
6.4. Хонандагон фикрҳои худро ба омӯзгор шарҳ медиҳанд ё саволҳои навъи кушод ҷавоб медиҳанд.

## САМТИ C: МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ-ЭМОТСИОНАЛӢ

### 7. МУСТАҚИЛИЯТ

### 8. МАТОНАТ

8.1. Омӯзгор кӯшишҳои хонандагонро эътироф мекунад.
8.2. Омӯзгор ба мушкилоти хонандагон муносибати мусбат дорад.
8.3. Омӯзгор ба ҳадафгузорӣ ташвиқ мекунад.

### 9. МАЛАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ҲАМКОРӢ

9.1. Омӯзгор ба ҳамкории хонандагон тавассути муоширати байниҳамдигарӣ мусоидат мекунад.
9.2. Омӯзгор малакаҳои байнишахсии хонандагонро ташаккул медиҳад.
9.3. Хонандагон тавассути муоширати байниҳамдигарӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Манбаъ: https://thedocs.worldbank.org/en/doc/b1edabf99b0a079db4708327b12676e9-0200022022/related/Teach-Secondary-Stakeholder-Observer-manual.pdf

# МАВЗУИ 4

## Таҳрезии фазои синфхона барои татбиқи омӯзиши фаъол

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Тарҳрезии тағйирпазири синфхонаро метавон бидуни таъмири умумӣ ё захираҳои гаронарзиш эҷод кард.
- Тартиби ҷойгиркунии муҳит ба ҷалб, рафтор ва рушди салоҳиятҳои асосии асри 21-и хонандагон (Тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун 4К шинохта шудааст) бевосита таъсир мерасонад.
- Тақсими синфхона ба гӯшаҳо як стратегияи камхарҷ барои эҷоди минтақаҳои мақсадноки таълим дар синфхона мебошад.
- Модели «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан» равиши сода ва сохторбандишударо ба минтақабандӣ пешниҳод мекунад, ки омӯзиши фаъолро дастгирӣ менамояд.
- Тарҳрезии бояд ба ҳадафҳои мушаххаси омӯзиш, фанҳо ва ниёзҳои хонандагон мутобиқ карда шавад (доимӣ набошад).
- Омӯзгорон метавонанд аз мисолҳои воқеӣ барои такмили амалии камхарҷи синфхона ҳамчун намуна истифода баранд.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Муайян кардани равишҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ, ки аз тарҳрезии тағйирпазир манфиат мегиранд.
- Татбиқ намудани модели минтақабандии «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан» барои эҷоди муҳитии мақсадноки таълим.
- Мутобиқ кардани тарҳбандии гуногун ба салоҳиятҳо ва фанҳои мушаххас.
- Тарҳрезӣ ё аз нав танзим кардани тарҳбандии синфхона барои фан ё салоҳияти интихобшуда.
- Банақшагирӣ ва санҷидани ҳадди ақал як тағйироти хурди имконпазир дар тарҳбандии синфхона дар шароити худ.

**Саволҳои барои баррасӣ**

- Тарҳбандии синфхона ба тарзи ҳамкорӣ ва омӯзиши хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонад?
- Кадом равишҳои таълим ҳаракати бештар ё тағйирпазириро дар фазо талаб мекунанд?
- Кадом тағйироти хурд метавонанд синфхонаи кунунии шуморо фаъолтар ва фарогиртар гардонанд?
- Чӣ тавр минтақабандӣ метавонад мушкилоти идоракунии синфро коҳиш диҳад ва омӯзиши тафриқашударо дастгирӣ намояд?
- Кадом тарҳбандӣ 4К-ро дар фанни шумо беҳтар дастгирӣ мекунад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед

1. Стратегияҳои муҳити камхарҷ ё ройгонро, ки омӯзиши фаъолро дастгирӣ мекунанд, муайян кунед.
2. Модели «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан»-ро барои минтақабандии муҳити синфхона татбиқ кунед.
3. Тарҳбандии гуногунро бо равишҳои таълим ва 4К мутобиқ созед.
4. Вариантҳои тарҳбандии хоси фанниро дар асоси мисолҳои воқеӣ омӯзед.
5. Банақшагирии тасҳеҳоти хурди муҳити ба шароит мувофиқро дар синфхонаҳои худ оғоз кунед.

## Муқаддима

Муҳити синфхона на танҳо як замина, балки воситаест барои омӯзиши фаъол ва ба хонанда нигаронидашуда. Ин мавзуъ ба стратегияҳои амалӣ барои мутобиқсозии синфхонаҳои мавҷуда барои омӯзиши фаъол бо истифода аз тарҳбандии тағйирпазир ва минтақабандӣ тамаркуз мекунад. Иштирокчиён меомӯзанд, ки чӣ тавр муҳит ба рафтор, муошират ва ҳамкорӣ таъсир мерасонад ва бо аз нав танзим кардани тарҳбандӣ барои мувофиқат ба ҳадафҳои таълим таҷриба хоҳанд кард.

Модели «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан» ҳамчун як чаҳорчӯбаи сода барои ташкили муҳити синфхона ба минтақаҳои мақсаднок муаррифӣ карда мешавад. Мисолҳои воқеӣ нишон медиҳанд, ки чӣ тавр тағйироти хурди мақсаднок метавонанд ба омӯзиш бидуни талаб кардани таъмири гаронарзиш таъсири калон расонанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тарҳбандии тағйирпазир**: тартиби ҷойгиркунии мебели синфхона, ки метавонад ба фаъолиятҳо ва равишҳои гуногуни таълим мутобиқ карда шавад.

**Минтақабандӣ**: амалияи тақсим кардани муҳити таълим ба минтақаҳои функсионалӣ барои намудҳои мушаххаси фаъолиятҳои омӯзишӣ.

**Модели «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан»**: усули содаи минтақабандӣ аст, ки дар он синфхона ба минтақаҳо барои ҳалли мустақилона ё гурӯҳии масъалаҳо (Ҳал кардан), ҷамъоварии иттилоот ё хондан (Таҳқиқ кардан) ва баррасӣ ё муаррифӣ (Мубодила кардан) тақсим карда мешавад.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Таҳлили ҳолатҳои синфӣ дар гурӯҳ:**

Синфхонаи математика тоза буда, деворҳои сафед дорад ва дар тахта мавзуи дарс навишта шудааст. Мизҳо ва курсиҳо дар қаторҳо ҷойгир шудаанд. Дар деворҳо қоидаҳо, портретҳои олимон, ҷадвалҳои формулаҳо ва парчам овехта шудаанд. Ягон осори кори хонандагон ва ё ишорае дар бораи кӣ дар он ҷо таҳсил кардан вуҷуд надорад.

Саволҳои зеринро ҳамчун хонанда баррасӣ кунед:

- Ин синфхона ба шумо «чӣ мегӯяд»?
- Дар ин ҷо чӣ омӯзишро дастгирӣ мекунад? Чӣ бетараф ё бегона эҳсос мешавад?
- Шумо суҳбатро бо омӯзгор чӣ гуна оғоз мекардед?

Саволҳои зеринро ҳамчун омӯзгоре, ки мехоҳад ин синфхонаро беҳтар созад, баррасӣ кунед:

- Шумо дар ин муҳит кадом унсурҳоро дидан мехостед?
- Кадом 1–2 тағйироти хурд метавонанд ин муҳитро аз ҷиҳати педагогӣ беҳтар созанд?
- Синфхона чӣ гуна паёмҳои навро метавонад интиқол диҳад?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 4.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 4.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.1**

Таҳқиқот ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки тарзи ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи муҳит метавонад омӯзишро ҳатто бо захираҳои хеле маҳдуд тағйир диҳад. муҳити тағйирпазир ба педагогика имкон медиҳад, ки равандҳои таълимӣ мутобиқ ба эҳтиёҷоти гуногуни хонандагон сурат гиранд. Ин гуна муҳит на танҳо шароити мусоид барои истифодаи усулҳои интерактивӣ ва кори гурӯҳӣ фароҳам меорад, инчунин рушди эҷодкорӣ, худомӯзӣ ва ҳамкории байни хонандагонро тақвият мебахшад. Ба ин тартиб, ҷобаҷогузории хушмандонаи муҳити синфхона метавонад ба баланд бардоштани самаранокии таълим ва муҳайё намудани фаъолияти таълимии фарогир мусоидат намояд.

Тарҳбандӣ доимӣ нест — он маълумот дода, рафторро ташаккул медиҳад.

**Вариантҳои асосии тарҳбандӣ, ки омӯзгорон бояд аз худ кунанд**

| Тарҳбандӣ | Тавсиф | Истифодаи маъмулӣ |
|---|---|---|
| **Шакли U/Наъл** | Мизҳо дар шакли ҳарфи U ба сӯйи марказ ҷойгир шудаанд | Баррасиҳо, муаррифиҳо бо ҷойи намоёни хуб |
| **Гурӯҳҳо** | Мизҳо барои гурӯҳҳои 4-6 нафара гуруҳбандӣ шудаанд | Ҳалли муштараки масъалаҳо |
| **Услуби муаррифӣ** | Қаторҳои анъанавии рӯ ба рӯйи тахта | Пешниҳоди кӯтоҳи муҳтаво ҳангоми зарурат |
| **Минтақаҳои L-шакл** | Кунҷҳо барои супоришҳои гуногуни омӯзишӣ ҷудо карда шудаанд | Омӯзиши бисёрмарҳилавӣ, моделҳои ротатсионӣ |
| **Муҳити беруна** | Истифодаи долонҳо ё майдончаҳои беруна | Кори гурӯҳии ғайрирасмӣ |

**Консепсияи минтақабандӣ**

Минтақабандӣ маънои тақсим кардани синфхонаро ба минтақаҳои гуногун, ҳатто ба таври ғайрирасмӣ дорад, то намудҳои гуногуни омӯзиш самараноктар сурат гиранд. Ин минтақаҳо доимӣ ё гаронарзиш нестанд. Онҳо функсионалӣ мебошанд. Шумо метавонед минтақаҳоро танҳо бо ҷойивазкунии мебел, истифодаи гӯшаҳои девор ё ҷойгир кардани мавод дар ҷойҳои гуногун эҷод кунед. Синфхона ҳангоми ба таври мақсаднок «минтақабандӣ» шудан метавонад намудҳои гуногуни омӯзишро дастгирӣ намояд.

**Модели минтақабандии «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан»**

Ин модели сода синфхонаро ба се минтақа тақсим мекунад:

| Минтақа | Мақсад | Намунаи машғулиятҳо |
|---|---|---|
| **Ҳал кардан** | Ҳалли масъалаҳо дар шакли мустақилона ё дар гурӯҳҳои хурд | Кори гуруҳӣ доир ба масъалаҳои математикӣ, супоришҳо аз забонҳо |
| **Таҳқиқ кардан** | Мутолиаи ором ё ҷамъоварии иттилоот | Истифодаи китобҳои дарсӣ, маводди иловагӣ |
| **Мубодила кардан** | Баррасии байниҳамдигарӣ, муаррифиҳо, робитаи мутақобилаи омӯзгор | Муаррифиҳои хурди хонандагон, таҳлили гурӯҳӣ |

Манфиатҳои минтақабандӣ:

- ✓ омӯзиши фаъол ва тавонмандсозии хонандагонро ташвиқ мекунад;
- ✓ бо эҷоди интизориҳои равшан барои ҳар як муҳит, мушкилоти идоракунии рафторро коҳиш медиҳад;
- ✓ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар синф гардиш карда, дастгирии тафриқашударо пешниҳод намояд.

**Алоқамандӣ бо салоҳиятҳои 4К+:**

Тафаккури интиқодӣ – минтақаи ҳал кардан
Эҷодкорӣ – минтақаи таҳқиқ кардан (омӯзиш), минтақаҳои убурӣ
Муошират – минтақаи мубодила кардан
Ҳамкорӣ – минтақаҳои ҳал кардан/мубодила кардан
Ин минтақаҳоро метавон бо чизҳое, ки аллакай доред, ташкил кард ва дар давоми рӯз аз нав ҷобаҷо намуд.



Figure 1: Dovey and Fisher's (2014) learning spaces types, as adapted in Imms, Cleveland, and Fisher (2016).

**Машқи тарҳбандии физикӣ**

Иштирокчиён тарҳбандии ҳуҷраро тағйир медиҳанд: **аз қаторҳо → ба гурӯҳҳо** Иштирокчиён муҳити воқеии тренингро се маротиба таҳти роҳбарии тренер аз нав ҷобаҷо мекунанд. Аз гурӯҳҳо ба:

- Шакли U, ба
- Қаторҳои рӯ ба рӯйи тахта (речаи муаррифӣ), ба
- Шакли L

Пас аз ҳар як тағйирот, иштирокчиён баррасӣ мекунанд:

- Ин намуд кадом навъи омӯзишро дастгирӣ мекунад?
- Омӯзгор дар кучо ҳаракат карда метавонад?
- Якдигарро дидан то чӣ андоза осон аст?
- Ин тартиби тарҳбандӣ чӣ гуна эҳсос мешавад?
- Кадом тарҳбандӣ аз нуқтаи назари хонанда беҳтар эҳсос мешуд?

**Машғулияти тарҳрезии тарҳбандӣ**

Гурӯҳҳои 3–4 нафара як супориши фаннӣ (масалан, математика, таърих ё забон) ва буридаҳои мебелиро мегиранд.

**Супориш:** бо истифода аз буридаҳо тарҳбандӣ наверо тарҳрезӣ кунед, ки салоҳияти мушаххасро дастгирӣ намояд, масалан:

- Математика: тафаккури интиқодӣ / ҳамкорӣ
- Таърих: муоширaт / эҷодкорӣ

Интихобан, ҳар як гурӯҳ ҳам фан ва ҳам салоҳиятеро, ки мехоҳанд бо он таҷриба гузаронанд, интихоб мекунад.

Аз намунаи машғулияти тарҳрезии тарҳбандӣ дар замимабуда истифода баред. Агар буридаҳо дастнорас ё имконнопазир бошанд, аз иштирокчиён хоҳиш карда мешавад, ки барои машғулияти тарҳрезии тарҳбандии худ, ҷо ба ҷогузориро бо мебел тасвир намоянд ё тафсилоти намуди зоҳирии муҳит ва он чиро, ки хонандагон дар ҳар як қисми он иҷро мекунанд, ба таври хаттӣ баён намоянд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Тарҳрезии хуби синфхона ба таълими хуб имкон медиҳад — ҳатто бидуни биноҳои нав.
2. Модели «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан» як воситаи сода ва камхарҷ барои сохторбандии омӯзиши фаъол мебошад.
3. Тарҳбандӣ бояд ба фаъолиятҳо ва салоҳиятҳо мувофиқ карда шавад, на ин ки доимӣ бошад.
4. Тағйироти хурди таҷрибавӣ метавонанд боиси такмили назаррас дар муҳити таълим шаванд.

**Нақши омӯзгорон:**

1. Омӯзгорон метавонанд тарҳбандиро барои фанҳо ва супоришҳои гуногун мутобиқ созанд, то салоҳиятҳои 4К-ро беҳтар дастгирӣ кунанд.
2. Тағйироти воқеӣ аз таҷрибаҳои хурд ба вуҷуд меояд — на аз нақшаҳои идеалӣ.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Доир ба мухтаво:**

- Модели минтақабандии «Ҳал кардан – Таҳқиқ кардан – Мубодила кардан» чист ва он чӣ гуна метавонад омӯзиши фаъолро дастгирӣ кунад?
- Кадом тарҳбандии синфхонаҳо барои таҳкими ҳамкорӣ ва муошират самаранoктаранд?

**Аз андеша ба амал:**

- Кадом стратегияи тарҳбандӣ ё минтақабандиро аз ин мавзуъ шумо метавонед дар синфхонаи худ воқеан санҷед?
- Як тағйироти камхарҷе, ки шумо метавонед дар моҳи оянда барои беҳтар кардани тарҳбандии синфхона барои омӯзиши фаъол ворид кунед, кадом аст?
- Кадоме аз таҷрибаҳои омӯзгории шумо аз тағйир додани тарҳбандии синфхона бештар манфиат гирифта метавонад?
- Шумо то чӣ андоза ба таҷриба кардани минтақабандӣ дар мактаби худ боварӣ доред?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 4.1**

**Пас аз дидани имкониятҳо, вақти он расидааст, ки онро дар муассисаи худ татбиқ кунед. Лутфан, дар дафтари худ ба саволҳои зер ҷавоб нависед:**

| |
|---|
| Як андешае, ки шумо метавонед дар моҳи оянда, на ба таври идеалӣ, балки таҷрибавӣ санҷед, кадом аст? |
| Татбиқи кадом тарҳ дар муассисаи таҳсилоти умумии шумо мушкилтар эҳсос шуд — ва чаро? |
| Як тағйироти хурди муҳит, ки шумо метавонед дар 4 ҳафтаи оянда воқеан санҷед, кадом аст? |

**Барои мубодилаи ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**
**Мавзуи 4 – Замимаи 1**
**Намуна барои машқи тарҳрезии тарҳбандӣ дар синфхона**




**Машғулияти тарҳрезии тарҳбандӣ / Синфхонаи 6м х 9м**

**Тарҳбандии наверо тарҳрезӣ кунед, ки салоҳияти мушаххасро дастгирӣ мекунад| Мебелро, ки истифода бурдан мехоҳед, бурида гиред**



**Машғулияти тарҳрезии тарҳбандӣ / Синфхонаи 6м х 9м**

**Тарҳбандии наверо тарҳрезӣ кунед, ки салоҳияти мушаххасро дастгирӣ мекунад| Мебелро, ки истифода бурдан мехоҳед, бурида гиред**




**Машғулияти тарҳрезии тарҳбандӣ / Синфхонаи 6м х 9м**

**Мисол**



# МАВЗУИ 5

## Роҳҳои фаъолсозии муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳамчун муҳити таълим

**Чиро бояд донист?**

- Омӯзиш метавонад дар ҳар як қисми муассиса сурат гирад, на танҳо дар синфхонаҳо.
- Муҳити берунасинфӣ (деворҳо, долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо, гӯшаҳо, майдончаҳои беруна) метавонанд барои дастгирии омӯзиш, фарогирӣ ва эҷодкорӣ қасдан тарҳрезӣ шаванд.
- Дахолатҳои сода ва камхарҷ дар муҳити муштарак метавонанд имкониятҳои васеъро барои ҷалб ва ҳамкорӣ фароҳам оранд.
- Мисолҳои амалӣ аз саросари ҷаҳон нишон медиҳанд, ки чӣ тавр фаъолсозии муҳит метавонад мустақилияти хонанда, рафтор ва иштироки ӯро беҳтар созад.
- Сиёсати муассисаи таҳсилоти умумӣ дар имкон додан ё маҳдуд кардани истифодаи муҳити берунасинфӣ нақши муҳим мебозад.

**Чиро бояд тавонист?**

- Муайян кардани муҳити каммаҳсул дар муассисаи худ, ки метавонанд барои омӯзиш фаъол карда шаванд.
- Мутобиқ кардани муҳит ба мақсади мушаххаси таълимӣ ва синфхона.
- Тарҳрезии дахолатҳои камхарҷ ва ба шароит мувофиқ барои ин муҳит.
- Аз намунаҳои ҷаҳонӣ илҳом гирифтан ва ҳамзамон мутобиқ кардани андешаҳо ба воқеияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.
- Ташвиқ кардани дастгирии роҳбарият ва тағйироти сиёсат, ки ба истифодаи тағйирпазири муҳит имкон медиҳанд.

**Саволҳо барои баррасӣ**

- Кадом муҳит дар муассисаи шумо ҳоло барои омӯзиш «ҳеҷ коре намекунад»?
- Долонҳо, зинапояҳо ва даромадгоҳҳои шумо ҳоло ба хонандагон чӣ гуна «паёмҳо» мефиристанд?
- Чӣ гуна тағйироти хурд дар муҳити муштарак метавонанд хонандагонро эҳсоси ҷалбшавии бештар ва фарогирӣ кунанд?
- Кадом мисолҳоро аз кишварҳои дигар метавон ба шароити шумо воқеан мутобиқ кард?
- Чӣ тавр шумо метавонед дар давоми як моҳи оянда фаъолсозии як муҳитро дар муассисаи худ оғоз кунед?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Чӣ тавр фазоҳои берунасинфиро метавон ҳамчун муҳити тағйирпазири таълим фаъол сохтанро тавсия диҳед.
2. Муҳити амудӣ ва муштараки каммаҳсулро дар муассисаҳои худ муайян кунед.
3. Андешаҳои ибтидоии камхарҷро барои табдил додани муҳити муассиса ба воситаҳои ҷалб, ҳамкорӣ ва фарогирӣ таҳия кунед.
4. Мисолҳои амалии ҷаҳониро бо амалҳои имконпазир бипайвандед.

## Муқаддима

Аксари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки синфхона ҷои асосии омӯзиш аст, аммо хонандагон қисми зиёди рӯзи худро дар долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо ва майдончаҳои беруна мегузаронанд. Ин муҳит аксар вақт беистифода ё танҳо барои ороиш боқӣ мемонанд, аммо онҳо иқтидори истифоданашуда доранд. Дар саросари ҷаҳон, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ минтақаҳои «холиро» ба минтақаҳои омӯзишӣ табдил медиҳанд — аз китобхонаҳои зинапоягӣ дар Уганда, то пайроҳаҳои математикии беруна дар Кения ва гӯшаҳои мероси фарҳангӣ дар кишварҳои ҳамсоя. Бо аз нав андешидани тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамчун муҳити таълим, омӯзгорон метавонанд имкониятҳоро барои ҷалби хонандагон бе ниёз ба биноҳои нав ё буҷети калон афзун намоянд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Фаъолсозии муҳит** – тарҳрезии мақсаднок ё мутобиқсозии як минтақа барои хидмат ба мақсади мушаххаси таълимӣ.

**Муҳити амудӣ** – деворҳо, шифтҳо ва дигар сатҳҳои амудӣ, ки метавонанд барои намоиш, ҳамкорӣ ё ишораҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Муҳити муштарак** – минтақаҳои берунаазсинфии мактаб, ба монанди долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо ва майдончаҳои беруна, ки барои ҳамаи хонандагон дастрасанд.

**Гӯшаи мавзуӣ** – муҳити хурди мақсаднок тарҳрезишуда дар дохили мактаб, ки ҳадафи муайяни таълимӣ ё фарҳангиро дастгирӣ мекунад (масалан, гӯшаи хониш, гӯшаи медиа, гӯшаи санъат).



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Шакли кор:*** *андешаронии инфиродӣ ё гурӯҳҳӣ*

Дар бораи муассисаи худ фикр кунед. Ҷойеро номбар кунед, ки дар он ҷо — ба ғайр аз синфхона — метавонад омӯзиш сурат гирад.

Хонандагон дар он ҷой чӣ кор мекунанд?

Онҳо танҳо бо як тағйироти хурд чӣ кор карда метавонистанд?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 5.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 5.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.1**

Долонҳо, деворҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо ва майдончаҳои беруна на танҳо муҳити гузариш, балки имкониятҳо мебошанд. Чӣ мешуд, агар тамоми мактаб ба як муҳити таълим табдил меёфт?

**Қудрати муҳити амудӣ (деворҳо ва шифтҳо)**

Деворҳо воситаҳои пурқувват барои маърифат, хотир ва шахсият мебошанд. Онҳо метавонанд донишро интиқол диҳанд, ба робитаи мутақобила даъват кунанд ва тафаккури хонандагонро инъикос намоянд.

**Намунаҳои фаъолсозии амудӣ:**

- ҷадвалҳои такягоҳӣ, ки тафаккурро намоён месозанд;
- деворҳо барои омӯзиши луғат ва тақвияти забономӯзӣ,
- минтақаҳои робитаи мутақобилаи байниҳамдигарӣ, ки дар он хонандагон ба корҳои якдигар шарҳ медиҳанд;
- гӯшаҳои савол, ки кунҷковиро бедор намуда, ба дарсҳои таҳқиқотӣ асосёфта мусоидат мекунанд.

**Зарфияти** муҳит**и муштарак (долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо, гӯшаҳо, майдончаҳои беруна)**

Муҳити муштарак аксар вақт ҳамчун минтақаҳои ҳаракат баррасӣ мешаванд, аммо онҳо метавонанд ба муҳити пурҷӯшу хурӯши педагогӣ табдил ёбанд.

**Долонҳо**

Инҳо минтақаҳои серҳаракатанд, ки метавонанд ба пайроҳаҳои омӯзишии ҷолиб табдил ёбанд.

- ✓ Пайроҳаҳои математикӣ ё илмӣ
- ✓ Нигористон (Галерея)-ҳои хронологӣ
- ✓ Истгоҳҳои хониш ё таҳқиқот
- ✓ Деворҳои савол бо пурсишҳои ивазшаванда

**Зинапояҳо**

Зинапояҳо, ки аксар вақт нодида гирифта мешаванд, дар ҳаёти мактабӣ табиатан мавзунӣ эҷод мекунанд. Онҳо метавонанд матн, супоришҳо ё саволҳоро дар бар гиранд.

- ✓ Зинаҳои хониш
- ✓ Зинаҳои саводнокӣ (масалан, «дар ҳар зина як калима хонед»)
- ✓ Пайдарпайии математикӣ
- ✓ Пайроҳаҳои зарбулмасал
- ✓ Шеърҳо ё зарбулмасалҳои хонандагон
- ✓ Омӯзиши ба ҳаракат алоқаманд (масалан, ҳисоб кардан, ба ҳиҷо ҷудо кардан, тарҷума кардан ҳангоми баромадан)

**Даромадгоҳҳо**

Даромадгоҳҳои бино метавонанд амнияти эмотсионалии хонандагон, ҳувияти мактабро таъкид кунанд ва маводди аёнии таълимиро пешниҳод намоянд.

- ✓ Гӯшаҳои «Хуш омадед!», ки ҳувият, фарҳанг ва фарогириро инъикос мекунанд
- ✓ Истгоҳҳои таҳлил: «Имрӯз чӣ кунҷковӣ кардед?»
- ✓ Минтақаҳои ором барои хониш, оромшавӣ ё суҳбати як ба як

**Гӯшаҳои мавзуӣ**

Дар минтақаҳои умумии мактаб (долонҳо, даҳлезҳо, гӯшаҳои зинапоя) «гӯшаҳои» мавзуиро ҷорӣ намоед, ки ба мақсадҳои мушаххаси мувофиқ ба таваҷҷуҳи муосири омӯзишӣ ва ҷалби рақамӣ хизмат мекунанд. Ин гӯшаҳо метавонанд арзишҳои шаҳрвандӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва академиро тақвият дода, муҳити хурдеро барои таҳлил, ифодаи худ ва ташаккули ҳувият пешниҳод намоянд.

Намунаҳои гӯшаҳои мавзуӣ дар бар мегиранд:

- **Гӯшаи медиа:** Девори сабзи рангкардашуда ҳамчун пасманзар, равшании самтнок, дорандаи телефон ва курсии хурд/миз. Барои эҷоди муҳтаво, мусоҳибаҳои видеоӣ ё журналистикаи хонандагон мувофиқ. Гӯшаи медиа қисми мактаб аст, ки барои эҷоди муҳтавои рақамӣ истифода мешавад.
- **Гӯшаи хониш:** Курсии бароҳат, рафи хурди китоб ва равшанӣ барои хониши ором ва рушди саводнокӣ мусоид. Болиштҳои фаршӣ барои гӯшаи хониши бароҳат.
- **Гӯшаи санъат/ифодаи худ:** Тахтаи синфӣ ё деворҳои навиштанбоб бо ишораҳои визуалӣ ва галереяи ивазшавандаи корҳои хонандагон.
- **Гӯшаи Ватан:** Намоиши ҳуввият ва мероси Тоҷикистон тавассути харитаҳо, санъати анъанавӣ, намоишгоҳҳои фарҳангии аз ҷониби хонандагон сохташуда ва унсурҳои мардумӣ.
- **Гӯшаи арзишҳо:** Дорои паёмҳои илҳомбахш, тахтаҳои иқтибос ва муҳит барои андешаронӣ дар атрофи мавзуъҳое чун эҳтиром, фарогирӣ, масъулият ва меҳрубонӣ.

**Майдончаҳои беруна**

Ҳавлӣ, саҳнҳо ва боғҳои мактабӣ метавонанд ҳам барои таҳсилоти расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ истифода шаванд.

- ✓ Минтақаҳои мушоҳидаи илмӣ (обу ҳаво, растаниҳо)
- ✓ Супоришҳои гурӯҳӣ барои ҳалли масъалаҳо
- ✓ Бозиҳои ҳаракатнок барои саводнокӣ/ҳисоб
- ✓ Драма ва қиссагӯӣ

**Ҷадвали қарорҳо**

| Самти сиёсати мактаб | Фаъолияти ҳозира | Интихоби нав аз ҷониби роҳбарият |
|---|---|---|
| қоидаҳои тарҳбандӣ мебел дар синфхона | Интизор меравад, ки ҳамаи синфхонаҳо аз қаторҳо истифода баранд | Иҷозат додани интихоби тарҳбандӣ дар асоси ҳадафҳои дарс |
| Истифодаи девор | Танҳо ороиш | Ба намоишгоҳҳои таълимӣ ва корҳои эҷодии хонандагон афзалият додан |
| Истифодаи долон | Истифода барои таълим ё хонандагон манъ аст | ҷудо кардани муҳит барои омӯзиши ором ё намоишгоҳҳо |
| Дастрасӣ ба муҳити беруна | Кам истифода мешавад ё баста аст | ҳамгиро кардан ба фанҳои дақиқ, хониш ё тарбияи ҷисмонӣ |

Ҷадвали қарорҳоро баррасӣ ва муҳокима намоед:

- Кадом сиёсати кунунии мактаб истифодаи тағйирпазири муҳитро маҳдуд мекунанд?
- Ҳар як сиёсат чӣ гуна паём мефиристад?
- Мо чӣ гуна ишораҳои алтернативӣ фиристода метавонем? Чӣ тавр?

Дар зери ҳар як сиёсати мактаб мисолҳои ва/ё самтҳои сиёсати бештар илова кунед.

**Харитасозии мактаб + Супориши тарҳрезӣ**

Аз харитаи мактаб дар қолаби харитасозии мактаб, ки дар замима омадааст, истифода баред (ё агар дастрас набошад, тарҳбандии мактаби худро кашед). Ҳадди ақал ду муҳитро берун аз синфхона муайян кунед — деворҳо, долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо, гӯшаҳо ё майдончаҳои беруна.

Барои ҳар як муҳит, як дахолати хурд тарҳрезӣ кунед:

- Дар он ҷо чӣ гуна омӯзиш сурат мегирад? Омӯзиши ғайрирасмиро муфассал тавсиф кунед.
- Хонандагон дар он муҳит чиро мебинанд, иҷро мекунанд ё чӣ саҳм мегузоранд?
- Мақсади омӯзиш чист? Ҳар як муҳит бояд ба мақсади равшани таълимӣ хизмат кунад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Омӯзиш берун аз синфхона низ сурат мегирад.
2. Мутобиқсозии хурд ва намоён мустақилият ва ҳисси соҳибии хонандагонро ташаккул медиҳад.
3. Соҳибии муштарак бо хонандагон боиси тағйироти устувортар мегардад.
4. Иҷозати роҳбарият ва сиёсати дастгирӣ аксар вақт аз буҷети калон муҳимтар аст.
5. Аз фаъолсозии як муҳити идорашаванда оғоз карда, сипас аз ҳамон ҷо идома диҳед.
6. Оғоз карданро аз як девор, як долон, як минтақа шуруъ кунед.
7. Муассисаи шумо пур аз имкониятҳост.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

- Муҳите, ки хонандагон ҳар рӯз аз он мегузаранд ва шумо метавонед онро фаъол созед, кадом аст?
- Оё девор метавонад ба минтақаи савол ё девори робитаи мутақобила табдил ёбад?
- Оё як гӯша метавонад ба ҷои бехатари андешаронӣ табдил ёбад?
- Оё шумо метавонед як гӯшаи ғайрифаъолро ба минтақаи тағйирот табдил диҳед?

**Доир ба мухтаво:**

- Кадом андешаи нав дар бораи истифодаи муҳити берунасинфӣ ба шумо бештар писанд омад?
- Ба фикри шумо, кадом мисоли амалӣ ба шароити Тоҷикистон бештар мувофиқ аст?

**Аз андеша ба амал:**

- Кадом муҳитро дар муассисаи шумо метавон дар давоми як моҳи оянда фаъол сохт?
- Як амали камхарҷе, ки метавонед барои оғоз кардан анҷом диҳед, кадом аст?

**Нукта барои рушди шахсӣ:**

- Азнавбаҳодиҳии тамоми мактаб ҳамчун муҳити таълим чӣ гуна метавонад равиши омӯзгории шуморо тағйир диҳад?
- Пас аз ин машғулият, ҳамчун омӯзгор ё тренер, шумо чӣ корро дигар хел анҷом медиҳед?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 5.1**

Агар шумо фардо бо нигоҳи «чашмони омӯзанда» аз мактаби худ мегузаштед, ба чӣ чиз дигар хел назар мекардед? Кадом муҳит ба назари шумо бузургтарин имконияти истифоданашудаи мактаби шумоянд?

**Дар дафтари худ ба саволҳои зер ҷавоб нависед:**

| |
|---|
| Як муҳите, ки ман мехоҳам дар мактабам фаъол созам, ин аст... (маконро номбар кунед: масалан, зинапояи пушти бино, даромадгоҳи асосӣ, долони ошёнаи 2-юм.) |
| Ман ин муҳитро барои... истифода хоҳам бурд (мисол: робитаи мутақобилаи байниҳамдигарӣ, гӯшаи саводнокӣ, девори муаммоҳои математикӣ, минтақаи андешаронӣ). |
| Қадами аввалини ман ин хоҳад буд... (чизи сода ва воқеӣ, ба монанди: бо директори худ суҳбат кардан, маркерҳо овардан, онро бо як синф санҷидан.) |

**Оид ба табодули андешаи ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**

ЗАМИМАИ 1.

**Ҷадвали қарорҳо**

Ҷадвали қарорҳои зеринро баррасӣ кунед:

- Кадом қоидаҳои кунунии муассиса истифодаи тағйирпазири муҳитро маҳдуд мекунанд?
- Ҳар як қоида ба чӣ ишора мекунад?

Дар зери ҳар як қоидаи муассиса мисол ва/ё самтҳои сиёсати бештар илова кунед.

| **Самти сиёсати муассисаи таълимӣ** | **Фаъолияти ҳозира** | **Варианти нав барои пешниҳод ба роҳбарият** |
|---|---|---|
| Қоидаҳои тарҳбандии мебел дар синфхона | Интизор меравад, ки дар ҳамаи синфхонаҳо аз қаторҳо истифода баранд | |
| Дар поён мисолҳои бештари таҷрибаҳо ва вариантҳоро илова кунед: | | |
| Қоидаҳои тарҳбандии мебел дар синфхона | | |
| Қоидаҳои тарҳбандии мебел дар синфхона | | |

| **Самти сиёсати муассисаи таълимӣ** | **Фаъолияти ҳозира** | **Варианти нав барои пешниҳод ба роҳбарият** |
|---|---|---|
| Истифодаи девор | Танҳо ороиш | |
| Дар поён мисолҳои бештари таҷрибаҳо ва вариантҳоро илова кунед: | | |
| Истифодаи девор | | |
| Истифодаи девор | | |

| **Самти сиёсати муассисаи таълимӣ** | **Фаъолияти ҳозира** | **Варианти нав барои пешниҳод ба роҳбарият** |
|---|---|---|
| Истифодаи долон | Истифода барои таълим ё хонандагон манъ аст | |
| Дар поён мисолҳои бештари таҷрибаҳо ва вариантҳоро илова кунед: | | |
| Истифодаи долон | | |
| Истифодаи долон | | |

| **Самти сиёсати муассисаи таълимӣ** | **Фаъолияти ҳозира** | **Варианти нав барои пешниҳод ба роҳбарият** |
|---|---|---|
| Дастрасӣ ба муҳити беруна | Кам истифода мешавад ё баста аст | |
| Дар поён мисолҳои бештари таҷрибаҳо ва вариантҳоро илова кунед: | | |
| Дастрасӣ ба муҳити беруна | | |
| Дастрасӣ ба муҳити беруна | | |

| **Самти сиёсати муассисаи таълимӣ** | **Фаъолияти ҳозира** | **Варианти нав барои пешниҳод ба роҳбарият** |
|---|---|---|
| Дар поён мисолҳои бештари таҷрибаҳо ва вариантҳоро илова кунед: | | |

**ЗАМИМАИ 2.**

**Қолаби харитасозии муассисаи таълимӣ**

**Аз харитаи пешниҳодшудаи муассиса истифода баред (ё агар дастрас набошад, нақшаи муассисаи худро кашед).**

## Харитасозии мактаб ва супориши тарҳрезӣ

**Ҳадди ақал ду фазоро берун аз синфхона муайян кунед** (деворҳо, долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо, гӯшаҳо ё майдончаҳои беруна).




## Харитасозии мактаб ва супориши тарҳрезӣ

| | |
|---|---|
| **Фазои 1:** | **Фазои 2:** |
| **Дар он ҷо чӣ гуна омӯзиш сурат мегирад?** Омӯзиши ғайрирасмиро муфассал тавсиф кунед. | **Дар он ҷо чӣ гуна омӯзиш сурат мегирад?** Омӯзиши ғайрирасмиро муфассал тавсиф кунед.. |
| **Хонандагон дар он фазо чиро мебинанд, иҷро мекунанд ё чӣ саҳм мегузоранд?** | **Хонандагон дар он фазо чиро мебинанд, иҷро мекунанд ё чӣ саҳм мегузоранд?** |
| **Мақсади омӯзиш чист?** Ҳар як фазо бояд ба мақсади таълимӣ хизмат кунад. | **Мақсади омӯзиш чист?** Ҳар як фазо бояд ба мақсади таълимӣ хизмат кунад. |

# МАВЗУИ 6

## Аз муҳит то амал: гузариш ба амал

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Гузариш аз банақшагирӣ ба амал бо фаъолиятҳои озмоишии камхавф оғоз намуданро, ки дар шароити кунунии мактаб имконпазиранд, талаб мекунад.
- Принсипи «Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» — ё дар маориф, «Шакл омӯзишро пайравӣ мекунад» — тарҳрезии муҳити физикиро бо ниёзҳои педагогӣ мувофиқ месозад.
- Муҳити таълимии вокунишкунанда ба таҷрибаҳои гуногуни таълим имкон медиҳад, ҷалби хонандагонро дастгирӣ мекунад ва соҳибии хонандагонро инъикос менамояд.
- Дастгирии роҳбарият барои имкон додани таҷриба ва ҳимояи таҷрибаҳои инноватсионӣ муҳим аст.
- Қадамҳои хурд барои беҳбудиҳо метавонанд муҳитро бидуни буҷети калон, аксар вақт бо истифодаи эҷодкоронаи захираҳои мавҷуда, тағйир диҳанд.

**Чиро бояд тавонист?**

- Муайян кардани муҳити каммаҳсули муассисаи таълимӣ ва тарҳрезии фаъолиятҳои озмоишии бехатар барои фаъолсозии онҳо.
- Табдил додани ҳадафҳои педагогӣ ба тағйироти муҳитӣ, ки омӯзишро дастгирӣ мекунанд.
- Таҳияи нақшаи кӯтоҳ ва амалии тарҳрезии озмоишии бехатар бо истифода аз модели «Банақшагирӣ – Амал – Таҳлил».
- Ҷустуҷӯ ва таъмини дастгирии роҳбарият барои тағйироти пешниҳодшуда.
- Арзёбии самаранокии озмоишҳо ва мутобиқсозии мувофиқ.

**Саволҳо барои баррасӣ**

- Чаро муҳим аст, ки корро аз озмоишҳои хурди камхавф оғоз кард, на аз тағйироти калонмиқёс?
- Чӣ чиз муҳити муассисаи таълими ба педагогика вокунишкунанда ё беҷавоб месозад?
- Кадом фазоҳо дар мактаби шумо барои фаъолсозии фаврӣ умедбахштаранд?
- Роҳбарият чӣ гуна метавонад нававариҳои фазоиро, ки аз ҷониби омӯзгорон пешбарӣ мешаванд, имконпазир созад ва ҳимоя кунад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Барои оғози таҷрибаҳои амалии тарҳрезии нави фазо эътимод пайдо кунед.
2. Аҳамияти оғоз карданро бо фаъолиятҳои озмоишии хурди камхавф дарк кунед.
3. Нақшаи татбиқи имконпазири ба шароити муассиса мувофиқро тарҳрезӣ кунед.

## Муқаддима

Дар мавзуъҳои қаблӣ, мо омӯхтем, ки чӣ тавр муҳитро барои дастгирии педагогика фаъол сохтан мумкин аст. Аз синфхонаҳо ба муҳити васеътари муассисаи таълимӣ чӣ тавр метавон гузашт. Аммо, танҳо барои эҷоди тағйирот идеяҳо кофӣ нестанд — татбиқ муҳим аст. Ин мавзуъ фосилаи байни илҳом ва амалро мепайвандад ва иштирокчиёнро барои тарҳрезии дахолатҳои озмоишии бехатар ва хурдмиқёс, ки метавонанд зуд санҷида шаванд, роҳнамоӣ мекунад. Бо оғози хурд, омӯзгорон метавонанд эътимоди худро афзун намоянд, таъсирро нишон диҳанд ва дастгириро барои тағйироти васеътар таъмин кунанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**«Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» / «Шакл омӯзишро пайравӣ мекунад»** – Принсипи тарҳрезӣ, ки мегӯяд, шакли муҳит бояд аз рӯйи мақсади пешбинишудаи он ташаккул ёбад. Дар соҳаи маориф, ниёзҳои омӯзиш бояд муайян кунанд, ки муҳит чӣ гуна тарҳрезӣ ва ҷобаҷо карда мешаванд.

**Муҳити таълимии ба омӯзгор нигаронидашуда** – муҳите, ки дар он танҳо омӯзгор фаъолу хонандагон ғайрифаъоланд.

**Муҳити таълимии ба омӯзиш нигаронидашуда** – муҳите, ки омӯзгорро ҳамчун имкондиҳанда ё мусоидаткунандаи омӯзиш мегузорад ва хонандагон иштирокчиёни фаъол буда, мустақил мебошанд.

**Муҳити физикии таълимии вокунишкунанда** – муҳити таълимие, ки қобилияти қабули тағйиротро дорад ва ба равишҳои гуногуни таълим ва ниёзҳои хонандагон тағйирпазирона мутобиқ мешавад.

**Муҳити физикии таълимии беҷавоб** – муҳити тағйирнопазире, ки имкони истифодабарандагонро маҳдуд мекунад.

**Қадамҳои хурд барои беҳбудӣ** – тағйироти хурди мақсаднок дар муҳити таълим, ки барои беҳтар кардани таълим ва омӯзиш бидуни сарфи захираҳои калон пешбинӣ шудааст.

**Озмоиши бехатар** – санҷиши кӯтоҳмуддат ва камхавфи андешаи нави муҳит ё педагогӣ, ки барои санҷиши таъсири он пеш аз татбиқи васеътар тарҳрезӣ шудааст.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Шакли кор:*** *андешаронии инфиродӣ ё гурӯҳӣ дар бораи дуруст ё нодуруст будани* андешаҳо*:*

- Тағйирот дар муҳити таълим бояд калон ва муҳим бошанд.
- Агар он дарҳол кор накунад, пас ин таҷрибаи ноком аст.
- Танҳо муассисаҳои таълимии хуб маблағгузоришаванда метавонанд муҳитро барои омӯзиш аз нав тарҳрезӣ кунанд.
- Хонандагон бояд дар фаъолсозии муҳити таълим иштирок кунанд.



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 6.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 6.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 6.1**

**«Шакл вазифаро пайравӣ мекунад»**

«Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» як принсипи тарҳрезист, ки мегӯяд, намуди зоҳирӣ ва сохтори бино ё объект бояд пеш аз ҳама ба мақсад ё функсияи пешбинишудаи он алоқаманд бошад. Он пешниҳод мекунад, ки тарҳрезӣ бояд аз рӯи ниёзҳо ва фаъолиятҳое, ки дар дохили объект ё бо он сурат мегиранд, пеш бурда шавад, на ин ки аввал ба зебоӣ ё ороиш тамаркуз карда шавад. Ин ибораро меъмор Луис Салливан дар охири асри 19 ва аввали асри 20 маъмул кардааст.

Дар асл, «Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» маънои онро дорад, ки тарҳи объект бояд посухи мустақим ба истифодаи пешбинишудаи он буда, амалӣ ва самаранок будани онро таъмин намояд. Дар шароити мо, ин маънои онро дорад, ки тарҳи бинои муассиса ва муҳити таълим бояд ба функсияи омӯзиш ва таълим пайравӣ кунад. Мо аз «Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» ба «Шакл омӯзишро пайравӣ мекунад» мегузарем.

Консепсияҳои зерин нишон медиҳанд, ки чӣ тавр муҳит ба ниёзҳои таълим мутобиқ мешавад ва мо ҳама чӣ кор карда метавонем, то дар муҳити физикии таълим тағйироти муҳим ворид созем.

**Табдил додани педагогика ба муҳит**

Терри Уайт, муҳаққиқ аз Британияи Кабир, чунин хотиррасон мекунад: «Муҳит бояд ба омӯзиш хизмат кунад». Мо бояд аз педагогика оғоз кунем, сипас муҳити худро мувофиқ созем. Ин як гунаи дигари консепсияи «Шакл вазифаро пайравӣ мекунад» аст. Терри Уайт рӯйхати ҳадафҳои педагогиро тартиб додааст, ки бо як мисол аз муҳити таълим алоқаманд аст, то нишон диҳад, ки чӣ тавр муҳит бояд ба омӯзиш хизмат кунад ва чӣ тавр «Шакл омӯзишро пайравӣ мекунад».

| Ҳадафи педагогӣ | Намунаи тарҳрезии муҳит |
|---|---|
| Омӯзиши ба таҳқиқот асосёфта | Гӯшаҳои захиравӣ, минтақаҳои тағйирпазир |
| Омӯзиш таҳти роҳбарии хонанда | Нишастҳои интихобӣ |
| Ҳамкорӣ | Мизҳо барои гурӯҳҳо, сатҳҳои мувофиқ барои навиштан |
| «Метакогнинтсия ва таҳлил» | Гӯшаҳои ором, намоиши пешрафт |
| Ба ҳамдигар омӯхтан | Минтақаҳои кушод бо тарҳбандии тағйирпазири омӯзгор |

**Муҳити вокунишкунанда ва бечавоб (Чаҳорчӯбаи OECD)**

Чаҳорчӯбаи "Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд» (OECD) ба мо дар арзёбии он кумак мекунад, ки оё муҳити муассисаи таълимӣ омӯзишро дастгирӣ мекунад ё маҳдуд месозад. Ин чаҳорчӯба ду параметри васеъро истифода мебарад, ки тавсиф мекунанд: а) муҳити педагогӣ ва б) муҳити физикӣ. Он баррасӣ мекунад, ки оё муҳити таълим ба омӯзгор нигаронида шудааст ё ба омӯзиш, ва оё муҳити физикии таълим вокунишкунанда аст ё бечавоб. Як муассисаи таълимии мушаххас метавонад дар биное, ки ба ниёзҳои он вокунишкунанда ё бечавоб аст, ба хонанда ё ба омӯзгор нигаронида шуда бошад.

Муҳити таълимии ба омӯзгор нигаронидашуда муҳитест, ки дар он омӯзгор «коршинос» аст, дониш муайян аст, бо барномаи таълимие, ки соҳаҳои донишро, ки хонанда бояд омӯзад, ба таври маҳдуд муайян мекунад, хонандагон ғайрифаъоланд ва нишаста дониш мегиранд ва онҳо барои чудо кардани «онҳое, ки медонанд» аз «онҳое, ки намедонанд» арзёбӣ мешаванд. Аз чиҳати муҳитӣ, инро метавон ҳамчун синфхонаҳо бо мизҳои дар қаторҳо чидашуда, ки ба мизи омӯзгор ва тахтаи сафед нигаронида шудаанд, тавсиф кард.

Баръакс, муҳити ба хонанда ё омӯзиш нигаронидашуда омӯзгор бештар ҳамчун имкондиҳанда ё мусоидаткунандаи омӯзиш аст, ки дар он дониш ҳамчун чизи доимо таҳаввулёбанда эътироф мешавад. Ба чои танҳо додани далелҳо, омӯзгор хонандагонро ба таҳқиқ ва кашф ташвиқ мекунад. Аз ин рӯ, хонанда иштирокчии фаъол аст ва ба ӯ мустақилият дода мешавад.

Муҳити физикии таълимии вокунишкунанда муҳитест, ки қобилияти қабули тағйиротро дорад ва дар он барои истифодабарандагон ворид кардани тағйирот осон аст. Баръакс, муҳити таълимии бечавоб муҳитест, ки сахт аст ва истифодабарандагонро маҳдуд карда, тағйирнопазир аст.

**Хусусиятҳои муҳити таълимии вокунишкунанда ва бечавоб**

| Муҳити вокунишкунанда | Муҳити бечавоб |
|---|---|
| Мебели чойивазшаванда | Мебели мустаҳкам ва вазнин |
| Имкони гурӯҳбандии тағйирпазир | Танҳо қаторҳои рӯ ба рӯ ба лавҳи синф |
| Серҳаракатии омӯзгор | Долонҳои танг, дастрасии маҳдуд |
| Намоишгоҳҳои таълимӣ | Деворҳои холӣ ё бетартиб |
| Дастрасӣ ба майдончаҳои беруна | Муҳити беруна баста ё истифоданашуда |
| Соҳибии хонандагон ба муҳит | Муҳите, ки танҳо аз чониби маъмурият назорат мешаванд |

Ду чанбаи вокунишкунанда ва ба омӯзиш/таълим нигаронидашударо метавон барои харитасозии муассисаҳои таълимӣ дар як чадвали сода муттаҳид кард. Як муассисаи таълимии мушаххас метавонад дар биное, ки ба ниёзҳои он вокунишкунанда ё бечавоб аст, ба омӯзиш ё ба таълим нигаронида шуда бошад. Дар асл, муассисаҳои таълимӣ дар як нуқтаи байни ба таълим нигаронидашуда ва ба омӯзиш нигаронидашуда чойгир хоҳанд шуд. Ба ҳамин монанд, биноҳое, ки онҳо истифода мебаранд, метавонанд камтар ё бештар вокунишкунанда бошанд.

**Чадвал (матритса) барои харитасозии мисолҳои амалӣ аз рӯи ду чанбаи вокунишкунанда ва ба омӯзиш/таълим нигаронидашуда**




На ҳама тағйирот ба инфрасохтор ниёз дорад. Бисёр хусусиятҳои вокунишкунанда аз рафтор ва нияти омӯзгор бармеоянд.

**Қадамҳои хурд барои беҳбудӣ**

Аз рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбудӣ ки дар замима омадааст, истифода баред. Ин рӯйхати тахминиест, ки синфхонаҳо ва/ё муҳити каммаҳсулро фаъол месозанд – яъне тағйироти хурди мақсаднок дар муҳити таълим, ки барои беҳтар кардани таълим ва омӯзиш бидуни талаб кардани захираҳои калон пешбинӣ шудааст.

Саволҳои умумӣ:

Оё қадамҳои хурди дигаре барои беҳбудӣ ҳаст, ки шумо мехоҳед ба ин рӯйхат дохил кунед?

- Агар хонанда мебудед, кадом қадамҳои хурд барои беҳбудӣ барои шумо ва ҳамсинфонатон афзалият медошт?
- Иҷрои кадом қадамҳои хурд барои беҳбудӣ дар муассисаи таълимии шумо осонтар аст? Чаро?
- Иҷрои кадом қадамҳои хурд барои беҳбудӣ дар муассисаи таълимии шумо мушкилтар аст? Чаро?

2 қадами хурд барои беҳбудиро интихоб кунед: яке аз тарҳбандӣ синфхонаҳо ва дигаре аз боқимондаи рӯйхат.

Саволҳо барои қадамҳои хурд барои беҳбудӣ интихобшуда:

- Ин кадом натиҷаи омӯзишро дастгирӣ мекунад?
- Шумо чиро тасдиқ ё ташвиқ хоҳед кард?

**Сохтани харитаи муассисаи таълимӣ ва нақшаи рушди мактаб**

Аз харита ва қолаби харитасозиии муассисаи таълимӣ, ки дар замима омадаанд, истифода баред (ё агар дастрас набошад, тарҳи муассисаи таълимии худро кашед). Ҳадди ақал ду муҳитро берун аз синфхона муайян кунед — деворҳо, долонҳо, зинапояҳо, даромадгоҳҳо, гӯшаҳо ё майдончаҳои беруна.

Барои ҳар як муҳит, як қадами хурд барои беҳбудӣ тарҳрезӣ кунед:

- Дар он ҷо чӣ гуна омӯзиш сурат мегирад? Омӯзиши ғайрирасмиро муфассал тавсиф кунед.
- Хонандагон дар он муҳит чиро мебинанд, иҷро мекунанд ё чӣ саҳм мегузоранд?

- Мақсади омӯзиш чист? Ҳар як фазо бояд ба мақсади равшани таълимӣ хизмат кунад.

Муҳитро бо **Нақшаи рушди муассисаи таълимӣ** ҳамгиро намоед. Он аз афзалияти такмили муассисаи таълимӣ (АТМ) ва паёмҳои ҳамгироӣ иборат аст. Афзалияти такмили муассисаи таълимӣ ба педагогика ва ҳадафҳои омӯзиш тамаркуз мекунад, дар ҳоле ки паёми ҳамгироӣ оқибатҳои нави муҳити ин афзалиятро инъикос менамояд.

| **Афзалияти рушди муассисаи таълимӣ** | **Паёми ҳамгироӣ** |
|---|---|
| Педагогика | «Омӯзгорон муҳитро барои дастгирии омӯзиши фаъол тағйирпазирона истифода хоҳанд бурд». |
| Ҷалби хонандагон | «Деворҳо ва минтақаҳои муштарак садо ва саҳми хонандагонро инъикос хоҳанд кард». |
| Баробарӣ ва фарогирӣ | «Дар синфхонаҳо дастгириҳои намоёнро барои ҳамаи хонандагон дар бар мегиранд». |
| Фарҳанги муассисаи таълимӣ | «Омӯзгорон дар як чоряк як нававарии марбут ба муҳитро мубодила хоҳанд кард». |

Дар зери афзалиятҳои рушди муассисаи таълимӣ паёмҳои нав нависед. Афзалиятҳои нави рушди муассисаи таълимӣ ва паёмҳои нав илова кунед.

**Нақшаи тарҳрезии озмоишии бехатар (Банақшагирӣ–Амал–Таҳлил)**

Нақшаи тарҳрезии озмоишии бехатар як воситаи сода барои гузаштан аз андеша ба амал аст; он се марҳиларо дар бар мегирад: **БАНАҚШАГИРӢ → АМАЛ → ТАҲЛИЛ**

Таҳлил як қисми ҷудонопазири раванд буда, баробари банақшагирӣ ва татбиқ (амал) муҳим аст.

Аз намунаи банақшагирии озмоишии бехатар, ки дар замима омадааст, истифода карда, озмоишеро, ки ба муассисаи таълимии шумо мувофиқ аст, пешниҳод кунед. Шумо инчунин метавонед аз рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбудӣ истифода баред.

| **Супориш** | **Намуна** |
|---|---|
| Мушкилоти муҳит | Хонандагон дар дарсҳои назариявии сикли фанҳои табиӣ ҳавасманд нестанд. |
| Дахолати озмоишӣ | Гузаронидани дарсҳои лабораторӣ беруназсинфӣ ҳафтае як маротиба. |
| Дастгирии зарурӣ | Тасдиқи ҷадвали дарсҳои беруназсинфӣ аз ҷониби директор |
| Давомнокӣ | 2 ҳафта |
| Нишондиҳандаи муваффақият | Беҳшавии давомоти хонандагон |

## БАНАҚШАГИРӢ

Муайян кардани имконият

→ Кадом муҳитро метавон фаъол ё беҳтар кард?

Муайян кардани тағйироти сода

→ Кадом қадамии хурдро месанҷед?

Равшан кардани мақсад

→ Мақсади омӯзиш ё рафтори мақсадноки шумо чист?

Санҷиши иҷозат

→ Оё ба шумо тасдиқ лозим аст? Аз кӣ?

Рӯйхати захираҳои зарурӣ

→ Оё ба шумо мавод, вақт, кумаки хонандагон ё дастгирии маъмурият лозим аст?

Як монеаи эҳтимолӣ ва ҳалли имконпазири онро номбар кунед.

→ Оё он ба иҷозат ё захираҳо вобаста аст?

Ҳадафи озмоиширо дар як сатр нависед.

→ «Мо [X]-ро дар [муҳит] барои дастгирии [Y] месанҷем».

**АМАЛ**

Муайян кунед:

- Давомнокии санҷиш (масалан, 1–3 ҳафта)
- Рафтори хонандагоне, ки шумо мушоҳида хоҳед кард
- Чӣ тавр шумо дар вақти воқеӣ ислоҳот ворид мекунед

**ТАҲЛИЛ**

- Барои фаҳмидани он ки он кор мекунад, шумо ба чӣ чиз назар хоҳед кард?
- Барои гирифтани робитаи мутақобила шумо бо кӣ суҳбат карда метавонед?
- Шумо омӯзишро чӣ гуна инъикос хоҳед кард (акс, шарҳи хонанда, рӯзнома)?

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

- «Шакл аз функсия пайравӣ мекунад» – дар муассисаҳои таълимӣ, ин маънои «Шакл аз омӯзиш пайравӣ мекунад»-ро дорад.
- Муҳити вокунишкунанда ба таҷрибаҳои гуногуни таълим имкон медиҳад.
- Оғози хурд ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки бидуни хатари ҷиддӣ санҷиш гузаронанд, такмил диҳанд ва суръат гиранд.
- Таҳлил як қадами муҳим барои беҳтар кардани дахолатҳои озмоишӣ мебошад.
- Дастгирии роҳбарият ба суръатбахшӣ мусоидат мекунад.
- Тасдиқи роҳбарият барои устувор ва васеъ кардани навовариҳои муваффақ кумак мерасонад.

**Нақши омӯзгорон:**

- Аз хурд оғоз кунед ва нахуст таҷриба гузаронед.
- Андешаронӣ дар бораи тағйироте, ки шумо оғоз кардед, ногузир боиси такмил мегардад.
- Ҳар як озмоишро ҳамчун имконият барои мушоҳида, таҳлил ва мутобиқшавӣ истифода баред.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Доир ба муҳтаво:**

- Чӣ тавр муҳити вокунишкунанда метавонад фаъолияти таълимиро дар муассисаи таълимии шумо беҳтар созад?
- Дар шароити шумо, тафовути асосии байни муҳити вокунишкунанда ва беҷавоб кадомҳоянд?

**Аз андеша ба амал:**

- Кадом фазои ягонаро дар муассисаи таълимии худ шумо метавонед аввал фаъол созед ва ин корро чӣ тавр мекунед?

- Барои таъмини дастгирии роҳбарият барои озмоиши худ шумо чӣ гуна қадамҳо мегузоред?

**Нукта барои рушди шахсӣ:**

- Барои оғоз кардани таҷриба бо муҳит, шумо бояд кадом ташвиш ё тахминҳоро дар худ зери шубҳа гузоред?
- Шумо аз куҷо мефаҳмед, ки қобилияти шумо дар пайваст кардани педагогика бо муҳит рушд кардааст?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 6.1.**

**Дар дафтари худ ба саволҳои зер ҷавоб нависед:**

| |
|---|
| Шумо дар бораи оғоз кардани фаъолиятҳои озмоишии хурди камхавф бо мақсади беҳтар кардани муҳити таълим ва фаъолияти омӯзиш чӣ фикр доред? (Баъзе бартариҳо ва камбудиҳоро, агар бошанд, баррасӣ кунед |
| Дастгирии роҳбарият барои таҷриба кардани чунин дахолатҳои хурдмиқёс то чӣ андоза муҳим аст? (Фикрҳои худро дар бораи баррасӣ бо директори мактаб ё мушовир пешниҳод кунед) |

**Барои табодули ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**

**ЗАМИМАИ 1**

**Рӯйхати дахолатҳои хурд барои беҳбудии муассисаҳои таълимӣ**

Ин рӯйхат хулосаи мисолҳои гуногунест, ки дар давоми ин омӯзиш баррасӣ шудаанд. Он метавонад ба омӯзгорон, мушовирон ва директорони муассисаҳои таълимӣ дар равона кардани саъю кӯшишҳо ба тағйироти муҳим дар биноҳои мактаби худ кумак расонад. Рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбудӣ тахминӣ буда, пурра нест.

| **Консепсия** | **Намунаҳои дахолатҳои хурд барои беҳбудӣ** |
|---|---|
| Тарҳбандии мебел дар синфхона | Шакли U<br>Кори гурӯҳӣ<br>Кори инфиродӣ<br>Минтақабандӣ: **ҳал кардан – таҳқиқ кардан – мубодила кардан**<br>Шакли L<br>Услуби рӯнамоӣ [тарҳбандӣ анъанавӣ] |
| Деворҳо | Ҷадвалҳои такягоҳӣ<br>Деворҳо барои луғат<br>Деворҳои галерея<br>Минтақаҳои робитаи мутақобилаи байниҳамдигарӣ<br>Гӯшаҳои савол |
| Шифтҳо | Маводди визуалӣ, ки ба омӯзиш алоқаманданд |
| Долонҳо / Толорҳо | Пайроҳаҳои математикӣ ё илмӣ<br>Галереяҳои хронологӣ<br>Истгоҳҳои хониш ё таҳқиқот<br>Деворҳои савол бо ишораҳои ивазшаванда<br>Минтақаҳои ором<br>Гӯшаи омӯзиши мустақилона<br>Гӯшаи «Худ бисоз» |
| Зинапояҳо | Зинаҳои хониш<br>Пайдарпайии математикӣ<br>Пайроҳаҳои зарбулмасал<br>Китобхонаи зинапоягӣ |
| Даромадгоҳҳо | Гӯшаҳои истиқбол<br>Истгоҳҳои таҳлил<br>Маводди визуалӣ бо «Хуш омадед!» ба забонҳои гуногун<br>Маводди визуалӣ бо арзишҳо |
| Гӯшаҳои мавзуӣ | Гӯшаи медиа<br>Гӯшаи хониш<br>Гӯшаи санъат/ифодаи худ<br>Гӯшаи Ватан<br>Гӯшаи арзишҳо |
| Омӯзиш дар берун | Машғулиятҳои фаннии беруназсинфӣ<br>Гӯшаи «сабз»-и синфхона (растаниҳои аз ҷониби хонандагон парваришшуда)<br>Минтақаҳои истироҳат дар берун<br>Синфхонаи пурра дар берун<br>Минтақаҳои мушоҳидаи илмӣ<br>Супоришҳои гурӯҳӣ барои ҳалли масъалаҳо<br>Ҳаракат ва бозиҳо барои саводнокӣ ва ҳисоб<br>Драма ва қиссагӯӣ |

Тафсилоти баъзе тавсияҳо:

| | |
|---|---|
| Девор/тахтаи «тавсияҳо барои муассисаи таълимӣ» | Лавҳаи «тавсия барои муассисаи таълимӣ ман»<br>Лавҳаи пешниҳодҳо / қуттии почта<br>Девори тавсияҳо: «Чӣ ин муҳитро беҳтар мекард?»<br>Қуттии пешниҳодҳои беном ё шакли онлайнии «Садои муҳит» |
| Деворҳо/тахтаҳои мавзӯӣ | Девор бо саволҳои ҳафтаина<br>Лавҳаи «Саволи ҳафта»<br>«Саволи рӯз» дар даромадгоҳ<br>Лавҳаи «Саволҳои беҷавоб»<br>Галереяи «Саволҳои ғайриимкон»<br>Тахтаи маҳоратҳои «Ман метавонам…»<br>Девори андешаҳо (дар асоси ишора)<br>Лавҳаи «Ман имрӯз омӯхтам…»<br>«Тахтаи кашфиёт»: дар бораи донишҳои нав<br>Девори «Ғалат боиси рушд аст»<br>Лавҳаи «Чаро ин муҳим аст?»<br>Лавҳа/девори «Сухани ҳафта»<br>Девор ё гӯша бо аксҳои хонандагон<br>Аксҳо/корҳои эҷодии хонандагон дар деворҳо |

Андешаҳои худро илова кунед:

- **НАҚША**

**Лутфан, барои пур кардан аз муҳити зерин истифода баред:**

| |
|---|
| **Муайян кардани имконият:** Кадом муҳитро метавон фаъол ё беҳтар кард? |
| **Муайян кардани тағйироти сода:** Кадом қадами хурдро месанҷед? |
| **Равшан кардани мақсад:** Мақсади омӯзиш ё рафтори мақсадноки шумо чист? |
| **Санҷиши иҷозат:** Оё ба шумо тасдиқ лозим аст? Аз кӣ? |
| **Рӯйхати захираҳои зарурӣ:** Оё ба шумо мавод, вақт, кумаки хонандагон ё дастгирии маъмурият лозим аст? |
| **Як монеаи эҳтимолӣ ва ҳалли имконпазири онро номбар кунед:** Оё он ба иҷозат ё захираҳо вобаста аст? |
| **Ҳадафи озмоишро дар як сатр нависед:** «Мо [X]-ро дар [муҳит] барои дастгирии [Y] месанҷем». |

| |
|---|
| **Оё озмоиши шуморо дар давоми 2 ҳафта санҷидан мумкин аст?** |
| **Оё директор нияти шуморо ба таври равшан мефаҳмад?** |
| **Ин озмоиш ба чӣ таъсир мерасонад?** [ ] як синфхона [ ] тамоми мактаб |
| **Он чиро талаб мекунад?** [ ] ҳеҷ як захираи иловагиро [ ] баъзе маводро [ ] сармоягузории калонро |

- **АМАЛ**

Лутфан, барои баррасии масъалаҳои амалӣ ҳангоми татбиқ аз сатрҳои зерин истифода баред:

| |
|---|
| Давомнокии санҷиш чӣ қадар аст? |
| Кадом рафтор ва вокунишҳои хонандагонро шумо мушоҳида хоҳед кард? |
| Шумо дар раванди озмоиш чӣ гуна ислоҳот ворид мекунед? |

- **ТАҲЛИЛ**

Лутфан, барои андешаронӣ дар бораи чӣ гуна ворид кардани тағйирот аз сатрҳои зерин истифода баред:

| |
|---|
| Барои фаҳмидани самаранокии он, ман ба чӣ таваҷҷуҳ хоҳам кард? |
| Барои гирифтани робитаи мутақобила ман бо кӣ суҳбат карда метавонам? |
| Ман омӯзишро чӣ гуна сабт хоҳам кард (акс, шарҳи хонанда, рӯзнома)? |

**ЗАМИМАИ 2**

**Нақшаи рушди муассисаи таҳсилоти умумӣ**

Дар зери афзалиятҳои рушди муассиса паёмҳои навро нависед:

| **Афзалияти рушди муассиса** | **Паёми ҳамгироӣ** |
|---|---|
| **Педагогика** | «Омӯзгорон муҳитро барои дастгирии омӯзиши фаъол тағйирпазирона истифода хоҳанд бурд.» |
| Педагогика | |
| Педагогика | |
| Педагогика | |
| **Ҷалби хонандагон** | «Деворҳо ва минтақаҳои муштарак раъй ва саҳми хонандагонро инъикос хоҳанд кард.» |
| Ҷалби хонандагон | |
| Ҷалби хонандагон | |
| Ҷалби хонандагон | |
| **Баробарӣ ва фарогирӣ** | «Ҳамаи синфхонаҳо дастгириҳои намоёнро барои ҳамаи хонандагон дар бар мегиранд.» |
| Баробарӣ ва фарогирӣ | |
| Баробарӣ ва фарогирӣ | |
| Баробарӣ ва фарогирӣ | |
| **Фарҳанги** муассисаи таълимӣ | «Омӯзгорон дар як чоряк як нававари муҳитро мубодила хоҳанд кард.» |
| Фарҳанги муассисаи таълимӣ | |
| Фарҳанги муассисаи таълимӣ | |
| Фарҳанги муассисаи таълимӣ | |

Дар поён афзалиятҳои нави рушди муассисаи таълимӣ ва паёмҳои навро илова кунед:

| **Афзалияти рушди муассиса** | **Паёми ҳамгироӣ** |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

**ЗАМИМАИ 3.**

**Қолаби нақшаи тарҳрезии озмоиши бехатар (Банақшагирӣ – Амал - Таҳлил)**

Як намуна:

| **Чӣ?** | **Чӣ тавр?** |
|---|---|
| Мушкилоти муҳит | Хонандагон дар дарсҳои назариявии илмҳои табиӣ ҳавасмандиашонро гум мекунанд |
| Қадамҳои хурд барои беҳбудӣ ҳангоми озмоиш | Гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣи беруназ синфӣ як маротиба дар як ҳафта |
| Дастгирии зарурӣ | Тасдиқи ҷадвали дарсҳои беруназ синфӣ аз ҷониби директор |
| Давомнокӣ | 2 ҳафта |
| Нишондиҳандаи муваффақият | Афзоиши иштироки хонандагон |

# МАВЗУИ 7

## Тарҳрезии муштарак бо иштироки хонандагон

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Тарҳрезии муштараки муҳити таълим бо хонандагон ҳавасмандӣ, фарогирӣ ва ҷалбро тақвият медиҳад.
- Он вақте самаранок аст, ки тавассути қадамҳои хурди идорашаванда, ки эътимодро ба вуҷуд меоранд, ҷорӣ карда шавад.
- Синну сол, марҳилаи рушд ва шароити фарҳангӣ ба афзалиятҳои муҳити хонандагон таъсир мерасонанд.
- Амнияти эмотсионалӣ ва равонӣ бояд ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои хонандагон ҳангоми машғулиятҳои тарҳрезии муштарак бо хонандагон ҳифз карда шавад.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Татбиқ кардани воситаҳои мушоҳида ва робитаи мутақобила (масалан, сайри муҳит, мусоҳибаҳои хурд, гурӯҳҳои фокусӣ) барои дарки нуқтаи назари хонандагон.
- Мусоидат ба баррасиҳои фарогир, ки доираи васеи садоҳо ва ғояҳои хонандагонро ташвиқ мекунанд.
- Интихоби машғулиятҳои амалии тарҳрезии муштарак бо хонандагон, ки ба шароит ва захираҳои муассисаи таълимӣ мувофиқанд.
- Ҳамгиро кардани пешниҳодҳои хонандагон ба муҳити таълим бо нигоҳ доштани ҳадафҳои педагогӣ.

**Саволҳо барои баррасӣ:**

- Мо аз даъват кардани хонандагон барои ташкили муҳити худ чӣ манфиат гирифта метавонем ва чӣ мушкилот дошта метавонад?
- Чӣ тавр мо метавонем, ки тарҳрезии муштарак бо хонандагонро созанда ва идорашаванда нигоҳ дорем?
- Кадом ғояҳоро аз маҷмуи воситаҳои имрӯза метавон дар муассисаи таълимӣ фавран татбиқ кард?
- Чӣ тавр омӯзгорон ва хонандагон метавонанд дар қабули қарорҳо бе гум кардани возеҳияти нақшҳо иштирок кунанд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми мавзуъ метавонед:

1. Дастгирӣ намудани иштироки хонандагонро дар тарҳрезии муҳити омӯзиши ба салоҳиятҳо асосёфта дарк кунед.
2. Роҳҳои бехатар ва имконпазири ҷалби хонандагонро дар ташкили муҳити таълим муайян кунед.
3. Қадами тарҳрезии муштарак бо хонандагонро, ки омодаанд дар шароити муассисаи худ татбиқ намоянд, муайян кунед.

# Муқаддима

Вақте ки мо дар бораи тарҳрезии муҳити таълим фикр мекунем, аксар вақт тасаввур мекунем, ки омӯзгорон ё меъморон қарор қабул мекунанд. Аммо одамоне, ки ин муҳитро бештар истифода мебаранд — хонандагон — хеле кам барои саҳм гузоштан даъват карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқот ва таҷриба нишон медиҳанд, ки ҳатто имкониятҳои хурд барои ҷалби хонанда дар ташкили муҳити таълим метавонанд фарогириро тақвият диҳанд, масъулиятро тарбия кунанд ва ҷалбро амиқтар созанд.

Тарҳрезии муштарак бо хонандагон ин назорати пурра ё оғози таъмири гаронарзиш нест. Ин ҳамкории роҳнамоишаванда ва камхавф аст, ки дар он хонандагон ва омӯзгорон якҷоя барои беҳтар кардани муҳите, ки дар он омӯзиш сурат мегирад, кор мекунанд. Ин раванд салоҳиятҳои умумӣ (калидӣ) — муошират, эҷодкорӣ, ҳалли масъалаҳоро — рушд дода, ҳамзамон ҳисси мансубиятро эҷод мекунад.

Ин мавзуъ шуморо бо воситаҳои амалӣ барои ҷалби хонандагон дар ташкили муҳити таълими онҳо таъмин намуда, ҳамзамон таъкид менамояд, ки ин раванд бехатар, имконпазир ва пурмазмун боқӣ монад.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тарҳрезии муштарак бо хонандагон.** Раванди муштараке, ки дар он омӯзгорон ва хонандагон якҷоя барои ташкили муҳити таълим, аз такмили хурд то тағйироти калонтари тарҳбандӣ, кор мекунанд.

**Соҳибӣ.** Ҳисси масъулият ва робитае, ки вақте шахс мебинад, ки ғояҳои вай дар муҳити муштарак эҳтиром ва татбиқ карда мешаванд, ба вуҷуд меояд.

**Раъйи хонанда.** Иштироки фаъоли хонандагон дар изҳори андешаҳо, афзалият ва робитаи мутақобила.

**Амнияти эмотсионалӣ.** Вазъияте, ки дар он иштирокчиён худро эҳтиромшуда, шунидашуда эҳсос мекунанд ва метавонанд бидуни тарсу масхара ё оқибатҳои манфӣ андешаҳои худро мубодила кунанд.

**Маҷмуи воситаҳо барои ҷалби хонандагон**: Маҷмуи воситаҳои амалӣ (масалан, сайри муҳит, девори андешаҳо, тарҳкашӣ ва пешниҳод), ки омӯзгорон метавонанд барои ҷамъоварии фикру андешаҳои хонандагон истифода баранд.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро аллакай медонед ва мефаҳмед?**

**Шакли кор:** кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ

- Айни замон хонандагон дар муҳити синфхона ё муассисаи таълимии шумо чӣ қадар саҳм доранд?
- Ҷалби хонандагон ба қарорҳои марбут ба муҳит чӣ манфиатҳо оварда метавонад?
- Шумо (ё ҳамкорони шумо) дар ин бора чӣ гуна дудилагӣ доред?



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 7.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.1.**

**Муҳити таълим ва қисматҳои он**

Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, тарҳрезии муштарак бо хонандагон аз амалҳои сода оғоз мешавад: ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои хонандагон, ҷалби онҳо ба интихоби намоишгоҳҳо ё аз нав андешидани тарзи ҷойгиркунии мебел. Бо мурури замон, ин амалҳо фарҳангро аз «соҳибии омӯзгор» ба «соҳибии муштарак» иваз мекунанд, ки дар он муҳит тамоми ҷомеаро инъикос менамояд.

Ҷанбаҳои тарҳрезии муштарак бо хонандагон аз мактабҳои саросари ҷаҳон:

- мактаби ибтидоии Сент-Йоҳан (Швейтсария): хонандагон дар қабули қарорҳо дар бораи тарҳбандӣ ва истифода иштирок мекунанд;
- мактаби Агора (Нидерландия): хонандагон лоиҳаҳо ва тартиби ҷойгиркунии муҳитро якҷоя эҷод карданд;
- гимназияи Кэмпбелтаун (Шотландия): андешаҳо аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон тавлид шуданд; хонандагон дар бораи истифодаи муҳит қарор қабул карда, тарҳбандии ниҳоиро аз вариантҳои таҳиякардаи меъморон интихоб намуданд
- мактаби METI (Бангладеш): саҳми хонандагон дар тарҳрезии муҳит;
- мактабҳои барномаи «Тарҳрезӣ барои омӯзиши беҳтар» (DfBL), Афина (Юнон): меъморон барои хонандагон ва омӯзгорон семинар мегузаронанд; муҳитро муштарак бо хонандагон анҷом доданд; хонандагон курсии наверо барои истифода дар тарҳбандӣ даврашакл тарҳрезӣ ва сохтанд.

**Машғулиятҳо**

**Мактаб аз нигоҳи хонандагон.** Тасаввур кунед, ки шумо хонандаи мактаб ҳастед: дар дохили мактаби худ «сайр кунед», то чизҳоро тавре ки хонанда мебинад, эҳсос мекунад ва мешунавад, бубинед. Оё шумо мехостед дар ин ҷо таҳсил кунед?

Барои посух додан ба саволҳои зерин аз саволномаи «Мактаб аз нигоҳи хонандагон», ки дар замима омадааст, истифода баред:

- Синфхонаи ман чӣ гуна аст? Оё рӯшноӣ кофӣ аст?
- Оё мебел бароҳат аст?
- Оё ман дар синф худро хеле гарм ё хеле хунук ҳис мекунам?
- Агар хоҳам, метавонам ҷои мебелро иваз кунам? Оё ман мехостам дар мебели дигар ё тарҳрезии дигар нишинам? Чаро?

- Оё ягон муҳит/минтақае ҳаст, ки ман баъзе аз корҳоямро намоиш диҳам? Агар имкон медоштам, чиро намоиш додан мехостам?
- Дар деворҳо чӣ намоиш дода шудааст? Оё намоишҳо зуд-зуд иваз мешаванд?
- Чизҳои дар деворҳо намоишдодашударо омӯзгор интихоб мекунад ё хонандагон?
- Дар куҷои муҳит гуфта мешавад, ки «Ман муҳимам»?
- Оё ман дар беруни синф ҷойи ороме барои нишастан дорам?
- Оё мактаби ман бехатар аст? Оё дар мактаби ман ягон муҳите ҳаст, ки бехатар эҳсос нашавад?
- Оё мо дар берун аз синфхонаҳо дарс мегузарем?
- Оё дар берун дарс гузаштан мумкин аст? Оё ман мехостам дар берун дарс дошта бошам ва кадом фанҳоро?
- Оё ягон долон ё гӯшае ҳаст, ки метавонист ҷои хубе барои хондан ё истироҳат кардан бошад? Оё ягон минтақаи ором дастрас аст? Онро тавсиф кунед.
- Оё синфхонаам ба ман маъқул аст? Оё мактабам ба ман маъқул аст?
- Чӣ кор кунам, то ин муҳит бо ман «сухан гӯяд»?
- Оё ба ман иҷозат дода шудааст ё маро ташвиқ мекунанд, ки дар бораи чизҳое, ки дар синфхона ва мактабам тағйир додан мехоҳам, пешниҳод кунам?
- Ман чӣ гуна пешниҳод(ҳо) кардан мехоҳам?

**Маҷмуи воситаҳо: нуктаҳои оғози тарҳрезии муштарак бо хонандагон**

Барои оғози ҷалби хонандагон ва даъват кардани онҳо ба саҳмгузорӣ ва соҳибӣ аз андешаҳоҳои зерин истифода баред.

| Дахолат / андеша | Тавсиф |
|---|---|
| **Сайри муҳит:** | Хонандагон минтақаҳоеро, ки дар онҳо худро мутаваҷҷеҳ, парешонхотир ё кунҷков ҳис мекунанд, мушоҳида ва шарҳ медиҳанд. Сипас омӯзгорон хонандагонро даъват мекунанд, ки дар асоси таҳлилҳои муштарак такмилҳоро пешниҳод кунанд. |
| **Тарҳкашӣ ва пешниҳод:** | Хонандагон тарҳҳои эҳтимолии навро барои гӯшаҳо, тартиби ҷойгиркунии мебел ё намоишгоҳҳо мекашанд. Ин метавонад бо мавзуъҳои фаннӣ алоқаманд бошад. |
| **Девори андешаҳо (дар асоси ишора):** | Лавҳаи пешниҳодҳои ивазшаванда, ки дар он хонандагон дар посух ба саволҳои мушаххас барои беҳтар кардани синфхона ё долон ғояҳои худро ҷойгир мекунанд (масалан, «Чӣ омӯзишро дар ин муҳит осонтар мекард?»). |
| **Ивазкунии намоишгоҳҳо:** | Гурӯҳҳои хурд намоишгоҳҳои синфхонаро (масалан, деворҳо барои луғат, овезаҳои таҳқиқотӣ) интихоб ва иваз мекунанд бо як қайди таҳлилӣ: «Чаро мо инро интихоб кардем». |
| **Гӯшаи савол:** | Хонандагон ҳар ҳафта дар бораи мавзуъҳои омӯзишӣ саволҳо мегузоранд (масалан, «Чаро барои сабзидани растаниҳо ба мо рӯшноӣ лозим аст?»), ки ҳамсолон метавонанд ба онҳо ҷавоб диҳанд. |
| **Девор ё гӯшаи аксҳои хонандагон:** | Хонандагон аксҳои худро (ё аксҳои инфиродӣ ё аз фаъолиятҳои гурӯҳӣ) дар девор, долон ё гӯша меовезанд. Онҳо дар бораи аксҳо паёмҳои асосӣ илова мекунанд ва ҳар моҳ онҳоро иваз мекунанд. |
| **Гӯшаи медиа:** | Хонандагон як муҳити мушаххасро дар мактаб «ороиш» медиҳанд, то онро барои сабти видеоҳо вобаста ба як ҳолати омӯзишӣ ё мушкилот истифода баранд. Видеоҳо ба тамоми синф нишон дода мешаванд. |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Доир ба муҳтаво:**

- Тарҳрезии муштарак бо хонандагон ҳавасмандӣ, фарогирӣ ва ҷалбро тақвият мебахшад.
- Тарҳрезии муштараки самаранок соҳибӣ ва масъулиятро ташаккул медиҳад.
- Раванд ба мисли натиҷа муҳим аст — он маҳорат, муносибатҳо ва фарогириро ташаккул медиҳад.
- Соҳибӣ вақте меафзояд, ки хонандагон мебинанд, ки андешаҳоҳои онҳо эҳтиром ва татбиқ карда мешаванд.
- Аз хурд оғоз кунед — тарҳрезӣ як пайроҳа аст, на як лоиҳаи якдафъаина.
- Воситаҳо ва машғулиятҳо вақте беҳтар кор мекунанд, ки ба синну сол, фарҳанг ва ниёзҳои хонандагон мутобиқ карда шаванд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

- Дар бораи як муҳити мактаби худ фикр кунед — он дар айни замон ба хонандагон чӣ гуна паём «мефиристад»?
- Кадом машғулияти тарҳрезии муштарак бо хонандагонро аз маҷмуи воситаҳои имрӯза метавон дар он муҳит санҷид? Чаро?
- Шумо воситаи ҷалби хонандагонро чӣ гуна мутобиқ мекардед, то ба захираҳо ва фарҳанги мактабатон мувофиқат кунад?
- Кадом гурӯҳи хонандагон (синну сол/синф) метавонанд ~~ба~~ тарҳрезии муштаракро мусбаттар қабул кунанд ва чаро?



## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 7.1**

- Қадами аввалини хурде, ки шумо барои тарҳрезии муштарак бо хонандагон дар муассисаи таълимии худ мегузоред, кадом аст?
- Кӣ метавонад дар амалӣ шудани ин кор шарики шумо бошад (омӯзгор, сардори синф, волидайн, маъмурият)?
- Дар моҳи оянда барои санҷидани як андешаи тарҳрезии муштарак бо хонандагон чӣ кор хоҳед кард?
- Шумо робитаи мутақобиларо аз хонандагон чӣ гуна ҷамъ меоред ва таъсири онро чӣ гуна чен мекунед?

**Худбаҳодиҳӣ. Лутфан, муҳити зеринро барои навиштан истифода баред**:

| |
|---|
| Шумо чӣ гуна эҷод кардани муҳити бехатарро барои омӯзгорон ва хонандагон ҷиҳати таҷриба кардани андешаҳои тарҳрезии муштарак ба нақша гирифтаед? |
| Як воситае, ки ман барои оғози ҷалби хонандагонам истифода хоҳам бурд, ин … аст |
| Як машғулияти тарҳрезии муштарак, ки ман бо хонандагон месанҷам, ин ... аст. |
| Муҳите, ки ман фаъол кардан мехоҳам, ин... аст. |

**Барои мубодилаи ҷавобҳои худ бо дигар иштирокчиён омода бошед.**

**ЗАМИМАИ 1**

**Мактаб аз нигоҳи хонандагон**

Тасаввур кунед, ки шумо хонанда ҳастед: дар дохили муассисаи таълимии худ «сайр кунед», то чизҳоро тавре ки хонанда мебинад, эҳсос мекунад ва мешунавад, бубинед. Оё шумо мехостед дар ин ҷо таҳсил кунед?

| |
|---|
| Синфхонаи ман чӣ гуна аст? |
| Оё рӯшноӣ кофӣ аст? |
| Оё мебел бароҳат аст? |
| Оё ман дар синф худро хеле гарм ё хеле хунук ҳис мекунам? |
| Агар хоҳам, метавонам ҷойи мебелро иваз кунам? |
| Оё ман мехоҳам дар мебели дигар ё ба тарзи дигар нишинам? Чаро? |
| Оё ягон муҳит/минтақае ҳаст, ки ман баъзе аз корҳоямро намоиш диҳам? Агар имкон медоштам, чиро намоиш медодам? |
| Дар деворҳо чӣ намоиш дода шудааст? Оё намоишгоҳҳо зуд-зуд иваз мешаванд? |
| Чизҳои дар деворҳо ба намоиш гузоштаро омӯзгор интихоб мекунад ё хонандагон? |
| Дар куҷои муҳит гуфта мешавад, ки «Ман муҳимам»? |
| Оё ман дар беруни синф ҷои ороме барои нишастан дорам? |
| Оё мактаби ман бехатар аст? Оё дар мактаби ман ягон муҳите ҳаст, ки бехатарӣ эҳсос нашавад? |
| Оё мо берун аз синфхонаҳо дарс мегузарем? |
| Оё дар берун дарс гузаштан мумкин аст? Оё ман мехостам дар берун дарс дошта бошам ва кадом намуди дарсҳоро? |
| Оё ягон долон ё гӯшае ҳаст, ки метавонист ҷои хубе барои хондан ё истироҳат кардан бошад? |
| Оё ягон минтақаи ором дастрас аст? Онро тавсиф кунед. |
| Оё синфхонаам ба ман маъқул аст? Оё мактабам ба ман маъқул аст? |
| Чӣ кор кунам, то ин муҳит бо ман «сухан гӯяд»? |
| Оё ба ман иҷозат дода шудааст ё маро ташвиқ мекунанд, ки дар бораи чизҳое, ки дар синфхона ва мактабам тағйир додан мехоҳам, пешниҳод кунам? |
| Ман чӣ гуна пешниҳод(ҳо) кардан мехоҳам? |

**ЗАМИМАИ 2**

**Воситаҳо барои ҷалби хонандагон**

**Воситаҳо барои ҷалби хонандагон: вазъияти ҳозираро чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст?**

| Восита | Тавсиф |
|---|---|
| **Мактаб аз ни гоҳи хонандагон:** | Хонандагон ба саволҳои «Мактаб аз нигоҳи хонандагон» ҷавоб медиҳанд. Ин метавонад як пурсиши хонандагон бошад. |
| **Сайри фазо бо хонандагон:** | Хонандагон сайр мекунанд, мушоҳида менамоянд ва минтақаҳоеро, ки дар онҳо худро мутаваҷҷеҳ, парешонхотир ё кунҷков ҳис мекунанд, шарҳ медиҳанд. Шарҳҳо дар варақаи мушоҳида дарҷ карда мешаванд. |
| **Мусоҳибаҳои хурд:** | Омӯзгор бо хонандагон дар бораи муҳити таълимӣ ва эҳсосоти онҳо мусоҳибаҳои инфиродӣ мегузаронад. Интихобан, омӯзгор ин супоришро ба хонанда(гон) медиҳад ва онҳо посухҳои ҷамъоваришударо муаррифӣ мекунанд. |
| **Фокус-гурӯҳҳо:** | Омӯзгор баррасиҳои гурӯҳҳои мақсаднок (фокусӣ)-ро байни хонандагон дар бораи тарҳбандии муҳити таълими онҳо мусоидат мекунад. Интихобан, омӯзгор ин супоришро ба хонанда(гон) медиҳад ва онҳо посухҳои ҷамъоваришударо муаррифӣ мекунанд. |

**Воситаҳо барои ҷалби хонандагон: чӣ гуна такмил ва/ё қадамҳои хурд барои беҳбудиро пешниҳод кардан мумкин аст**

| Восита | Тавсиф |
|---|---|
| **Лавҳаи «Андешаҳо барои мактаби ман»** | Дар дохили синфхона (ё дар ягон ҷои дигари мактаб) лавҳае насб кунед, ки дар он хонандагон тавонанд ҳар гуна ғояи худро барои мактабашон овезанд. Онро метавон «Лавҳаи пешниҳодҳо» ё лавҳаи «Андешаҳо барои мактаби ман» номид. Интихобан, чунин ғояҳоро метавон дар дохили қуттӣ/қуттии почта ҷойгир кард. |
| **Омӯзиши маҷмуи воситаҳо бо нуқтаҳои оғоз:** | Хонандагон ва омӯзгор маҷмуи воситаҳоро бо нуқтаҳои оғози тарҳрезии муштарак бо хонандагон барраси мекунанд ва дар бораи чӣ гуна оғоз кардани таҷриба ба мувофиқа меоянд. Онҳо инчунин метавонанд аз рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбуди истифода баранд. |
| **Супориш доир ба тарҳрезии муҳит:** | Омӯзгор ба хонандагон лоиҳаеро дар бораи чӣ гуна беҳтар кардани муҳити таълим супориш медиҳад. Лоиҳа метавонад ба тарҳбандӣ синфхона ё муҳити берун аз синфхона тамаркуз кунад, ё ягон тамаркузи мушаххас надошта бошад. Хонандагон масъалаҳо ва дархостҳои худро барраси мекунанд, «Ангезиши зеҳн» анҷом медиҳанд ва пешниҳод(ҳои)-и худро ба омӯзгор муаррифӣ мекунанд. |
| **Маҷлиси ҳармоҳаи синф: «Мо чиро тағйир медиҳем?»** | Хонандагон андешаҳоро дар бораи он ки дар синфхона ва/ё мактаби худ чиро тағйир медиҳанд, баррасӣ ва мувофиқа мекунанд. |

Вариантҳои воситаи дар боло зикршуда аз қадамҳои зерин иборат аст:

- хонандагон бо харитаи мактаб дар мактаб сайр мекунанд ва аз он барои қайд кардан дар бораи муҳит истифода мебаранд;
- хонандагон ғояҳоро тарҳ мекашанд;
- хонандагон видеоҳои кӯтоҳро дар бораи «ғояи ман барои мактаби ман» ё «ҷои дӯстдоштаи ман дар мактаб» эҷод мекунанд.

# МАВЗУИ 8

## Истифодаи амалии усулҳои тафаккури тарҳрезӣ

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Тафаккури тарҳрезӣ методологияи ба хонанда нигаронидашудаи ҳалли масъалаҳост, ки метавонад барои тарҳрезии муштарак бо хонандагон муҳити таълим таҳти роҳбарии хонандагон мутобиқ карда шавад.
- Ин раванд аз муайян кардани мушкилот (кашф кардан), ба тавлиди роҳҳои ҳал (тарҳрезӣ кардан) ва то санҷиши хурдмиқёс (санҷидан) мегузарад.
- Тарҳрезии муштараки самаранок аз соҳибии хонандагон ба таърифи мушкилот оғоз ёфта, сохтани гунаи аввал ва таҳлилро дар бар мегирад.
- Нақши омӯзгор мусоидат, роҳнамоӣ ва фароҳам овардани муҳити бехатар барои таҳқиқ аст, на бор кардани роҳҳои ҳал.

**Чиро тавонистан муҳим аст?**

- Роҳнамоӣ кардани хонандагон тавассути раванди содакардашудаи 3-қадами тафаккури тарҳрезӣ.
- Мусоидат ба санҷишҳои бехатар ва хурдмиқёси андешаҳои пешниҳодкардаи хонандагон.
- Дастгирии хонандагон дар мушоҳида, ҷамъоварӣ ва таҳлили робитаи мутақобила дар бораи муҳит.
- Эҷоди фарҳанги синфхона, ки таҷриба ва такмили такрориро қадр мекунад.

**Саволҳо барои баррасӣ:**

- Чӣ тавр омӯзгорон метавонанд барои тарҳрезии муштарак таҳти роҳбарии хонандагон муҳити бехатар фароҳам оранд?
- Чаро марҳилаи муайян кардани мушкилот дар тафаккури тарҳрезӣ ин қадар муҳим аст?
- Чӣ тавр мактабҳои камзахира метавонанд таҳияи гунаи аввал ва санҷишро бидуни буҷети калон татбиқ намоянд?
- Вақте ки ба хонандагон соҳибии тарҳрезии нави муҳит дода мешавад, чӣ гуна мушкилоти эҳтимолӣ ба миён меоянд ва онҳоро чӣ гуна метавон коҳиш дод?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. Раванди тафаккури тарҳрезиро шарҳ диҳед.
2. Аҳаммияти таҷриба, прототипсозӣ, санҷиш ва такмили ғояро дар амал дарк кунед.
3. Амалия доир ба тафаккури тарҳрезиро бо хонандагони худ гузаронед.

# Муқаддима

Ин мавзуъ ба принсипҳои ҷалби хонандагон, ки дар сессияи қаблӣ омӯхта шуданд, такя намуда, методологияи тафаккури тарҳрезиро ҳамчун воситаи амалӣ барои роҳнамоии тарҳрезии муштараки муҳити таълим таҳти роҳбарии хонандагон муаррифӣ мекунад. Омӯзгорон меомӯзанд, ки чӣ тавр равандро сохторбандӣ кунанд, то хонандагон мушкилотро муайян намоянд, роҳҳои ҳалро тавлид ва идеяҳои худро бо усули камхавф ва такроршаванда санҷанд. Ин семинар-машварат омӯзгоронро барои фароҳам овардани муҳите, ки дар он хонандагон худро барои саҳми арзанда гузоштан ба муҳити таълимашон тавонманд ҳис мекунанд, муҷаҳҳаз месозад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тафаккури тарҳрезӣ** – методологияи ҳалли масъалаҳо, ки ба ҳамдилӣ, эҷодкорӣ ва такроршавӣ нигаронида шуда, аксар вақт барои таҳияи ҳалли масъалаҳои ба истифодабаранда нигаронидашуда истифода мешавад.

**Тарҳрезии муштарак бо хонандагон** – раванди тарҳрезии муштарак, ки дар он хонандагон дар эҷоди роҳҳои ҳал фаъолона иштирок мекунанд.

**Прототип** – намунаи аввалин, шакли озмоишӣ, версияи содаи роҳи ҳал, ки барои санҷиши пеш аз татбиқи пурра истифода мешавад.

**Такроршавӣ** – раванди такмил додани роҳи ҳал тавассути давраҳои такрории санҷиш ва беҳтарсозӣ.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилооттии 8.1.-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 8.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 8.1.**

**Тафаккури тарҳрезӣ барои тарҳрезии муштарак бо хонандагон**

Бо риояи қадамҳои кашф (мушоҳида ва ҳамдилӣ), тарҳрезӣ кардан (тавлиди ғояҳо) ва санҷидан (озмоиши тағйирот), омӯзгорон метавонанд ба хонандагон имкон диҳанд, ки муҳити таълими худро фаъолона ташаккул диҳанд.

| Қадамҳо | Тавсиф | Саволҳо барои андешаронӣ |
|---|---|---|
| **Қадами 1: Кашф кардан:** | **Хонандагон мушкилотеро, ки ҳал кардан мехоҳанд, муайян мекунанд ва маълумот ҷамъ меоранд.** (баробар ба ҳамдилӣ) | Кадом муҳит барои хонандагон каммаҳсул ё нороҳат эҳсос мешавад? Дар ин муҳит барои хонандагон чӣ хуб кор намекунад? Шумо ба кадом фаъолияти омӯзишӣ ноил шудан мехоҳед? |
| **Қадами 2: Тарҳрезӣ** | **Хонандагон роҳҳои гуногуни ҳалро тавассути «Ангезиши зеҳн» пешниҳод мекунанд ва дар бораи тарзи татбиқ ба мувофиқа меоянд** (баробар ба тавлиди ғояҳо) | Онро чӣ тавр беҳтар истифода бурдан мумкин аст, онҳо барои беҳтар кардани фаъолияти омӯзиш чӣ тағйиротро пешниҳод мекунанд? |
| **Қадами 3: Санҷидан** | **Хонандагон қадамҳои хурд барои беҳбудиро якҷоя эҷод мекунанд ва самаранокии онро [барои беҳтар кардани он] таҳлил менамоянд** (баробар ба прототипсозӣ) | Кадом тағйироти хурдро мо метавонем якҷоя санҷем ва аз куҷо медонем, ки он кумак мекунад? |

Аз намунаи банақшагирии тафаккури тарҳрезӣ, ки дар замима омадааст, истифода карда, раванди ҷалби хонандагонро дар тарҳрезии муҳити таълим харитасозӣ намоед.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

Тафаккури тарҳрезӣ як роҳи муассирест, ки ба хонандагон барои фаъолона иштирок кардан ва раҳнамоӣ шудан кумак мекунад. Мушкилотеро, ки хонандагон худашон муайян карданд боиси ҳалли мувофиқтар ва самараноктар мегардад.

- Муҳити бехатар барои “Ангезиши зеҳн» ба саҳмгузории эҷодии ҳамаи хонандагон мусоидат мекунад.
- Прототипсозӣ ва санҷиш маблағгузории назаррасро талаб намекунад — онҳо иҷозат, вақт ва боавариро талаб мекунанд.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодиҳии 8.1.

**Доир ба муҳтаво:**

- Чӣ тавр тафаккури тарҳрезиро метавон ба шароитҳои гуногуни мактаб ва гурӯҳҳои синнусолӣ мутобиқ кард?

**Аз ғоя ба амал:**

- Як машғулияти хурди бехатари тарҳрезии муштарак бо хонандагоне, ки шумо метавонед дар моҳи оянда санҷед, кадом аст?

**Нукта барои рушди шахсӣ:**

- Шумо то чӣ андоза дар марҳилаи муайян кардани мушкилот ба хонандагон худро бароҳат ҳис мекунед ва барои самаранок анҷом додани ин кор ба кадом – дастгирӣ ниёз доред?

**ЗАМИМАИ 1**

**Намунаи банақшагирии тафаккури тарҳрезӣ – барои иштирокчиёни омӯзиш (омӯзгорон)**

Воситаи банақшагирӣ барои омӯзгорон ҷиҳати роҳнамоии машғулияти тарҳрезии муштрак бо иштироки хонандагон. Омӯзгорон муҳитро тарҳрезӣ намекунанд; омӯзгорон равандро сохторбандӣ намуда, хонандагонро ҳангоми иҷрои он дастгирӣ мекунанд.

**Призмаи тафаккури тарҳрезиро татбиқ намоед: Кашф кардан ➜ Тарҳрезӣ кардан ➜ Санҷидан**

**Қадами 1: Кашф кардан**

**Хонандагон «мушкилоте»-ро, ки ҳал кардан мехоҳанд, муайян карда, маълумот ҷамъ меоранд.**

Хонандагонро ба тарҳрезии муштараки муҳити таълим ҷалб намоед. Хонандагон метавонанд дар гурӯҳҳо кор кунанд. Барои гирифтани андешаҳои онҳо аз саволҳои зерин истифода баред:

- Кадом муҳит барои шумо каммаҳсул ё нороҳат эҳсос мешавад?
- Кадом муҳити синфхона ё мактабро шумо метавонистед беҳтар созед?
- Дар ин муҳит барои шумо чӣ хуб кор намекунад?
- Шумо ба кадом фаъолияти омӯзишӣ ноил шудан мехоҳед?

Ба ҷамъоварии маълумот дар бораи «мушкилот»-и гурӯҳҳо мусоидат намоед. Гурӯҳҳои хонандагон муҳитро мушоҳида карда, истифодаи кунунии онро баррасӣ мекунанд. Онҳо метавонанд тавассути гузаронидани сайр/аудити муҳит, аксбардорӣ ҳангоми истифодаи муҳит, кашидани тарҳҳо, гузаронидани мусоҳибаҳои инфиродӣ ё гурӯҳҳои хурд, таҳқиқоти онлайнӣ дар бораи масъала маълумот ҷамъ оранд. Барои анҷом додани муайянкунии мушкилот ва ҷамъоварии маълумот миқдори муайяни вақт [масалан, як ҳафта] ҷудо кунед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки хулосаи якҷумлагиро дар бораи пешниҳоди худ ҳамчун андешаҳо дар бораи мушкилот таҳия намоянд:

**«Мо [муҳити X]-ро барои ноил шудан ба [Y] тағйир медиҳем/аз нав тарҳрезӣ мекунем/истифода мебарем».**

Пас аз он ки гурӯҳҳо «мушкилоте»-ро, ки ҳал кардан мехоҳанд, муайян карда, маълумот ҷамъ овարданд, раванди қабули қарорро пешниҳод кунед: аввал гурӯҳҳо пешниҳодҳои худро муаррифӣ мекунанд, сипас баррасии кушод сурат мегирад ва дар охир овоздиҳӣ баргузор мешавад. Барои ин машғулият ҳадди ақал ду соат ҷудо кунед. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳо ва баррасиҳоро пас аз ҳар як давр мусоидат мекунад. Гуруҳҳо метавонанд барои муаррифии худ аз ҳама гуна шакли медиа истифода баранд [масалан, слайдҳои PowerPoint, видео, муаррифии шифоҳӣ бо нишон додани маълумот]. Овоздиҳӣ метавонад тавассути боло бардоштани даст, навиштани 1-3 вариант ё гузоштани нуқта дар канори 3 пешниҳоди дӯстдоштаи худ анҷом дода шавад. Пешниҳоде, ки аксарияти овозҳоро мегирад, ҳамонест, ки хонандагон дар қадами оянда корро бо он идома медиҳанд.

**Қадами 2: Тарҳрезӣ кардан**

**Хонандагон роҳҳои гуногуни ҳалро тавассути “Ангезиши зеҳн» пешниҳод мекунанд ва дар бораи он ки татбиқ кардан мехоҳанд, ба мувофиқа меоянд.**

Ҳамаи гурӯҳҳо бо ҳамон як «мушкилот», ки дар қадами қаблӣ мувофиқа шуда буд, кор мекунанд. Барои кумак ба раванди фикрронии онҳо аз саволҳои зерин истифода баред:

- [Муҳити X]-ро чӣ тавр беҳтар истифода бурдан мумкин аст?

- Барои ноил шудан ба [Y] кадом вариантҳо мавҷуданд?
- Барои беҳтар кардани фаъолияти омӯзиш шумо чӣ гуна тағйиротро пешниҳод мекунед?

Ба кори гурӯҳӣ барои таҳияи «ҳал»-и мушкилот мусоидат намоед. Ба хонандагон рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбудиро пешниҳод кунед. Хонандагон бояд худро дар пешниҳоди якчанд «ҳал»-ҳои гуногун ва такмилҳои хурдмиқёс озод ҳис кунанд. Роҳҳои ҳал бояд бо тавсифи кӯтоҳ ё тарҳи зуд ҳамроҳ бошанд. Дар дохили ҳар як гурӯҳ, хонандагон дар бораи беҳтарин ҳалли баррасишуда ба мувофиқа меоянд. ҳалли ниҳоии ҳар як гурӯҳ метавонад маҷмуи ҳалҳои гуногун ё қисмате аз ҳалли гуногун бошад.

Раванди қабули қарорро ба монанди қадами қаблӣ мусоидат намоед: аввал гурӯҳҳо «ҳал»-ҳои худро муаррифӣ мекунанд, сипас баррасии кушод сурат мегирад ва дар охир овоздиҳӣ баргузор мешавад. Барои ин машғулият ҳадди ақал ду соат ҷудо кунед. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳо ва баррасиҳоро пас аз ҳар як давр ҷамъбаст мекунад. Гурӯҳҳо метавонанд барои муаррифии худ аз ҳама гуна шаклҳои мултимедиавӣ истифода баранд [масалан, слайдҳои PowerPoint, видео, тавсифи ҳал, тарҳ, модели хурди муҳит]. Овоздиҳӣ метавонад тавассути боло бардоштани даст, навиштани 1-3 вариант ё гузоштани нуқта дар канори 3 пешниҳоди дӯстдоштаи худ анҷом дода шавад. «ҳал»-е, ки аксарияти овозҳоро мегирад, ҳамонест, ки хонандагон дар қадами оянда корро бо он идома медиҳанд.

**Қадами 3: Санҷидан**

**Хонандагон қадамҳои хурд барои беҳбудӣро якҷоя эҷод мекунанд ва самаранокии онро [бо мақсади беҳтар кардани он] таҳлил менамоянд.**

Санҷиши камхавфро дастгирӣ кунед ва якҷоя бо хонандагон натиҷаро таҳлил намоед. Барои эҷоди муҳит ва санҷиши он вақт ҷудо кунед [масалан, як ҳафта]. Барои роҳнамоии хонандагон ҳангоми андешаронӣ дар бораи самаранокии муҳити нав ва чӣ гуна ба ниятҳои онҳо мувофиқ будани он, аз саволҳои зерин истифода баред:

- Шумо ва ҳамсинфонатон бо [фазои X]-и нав чӣ гуна ҳамкорӣ мекунед?
- Рафтори ҳамсинфони шумо дар ин фазо чӣ гуна аст?
- Ин тағйирот фаъолияти омӯзишро чӣ гуна беҳтар кард? Оё шумо метавонед инро чен кунед?
- Шумо аз куҷо медонед, ки санҷиш муваффақ аст?
- Оё шумо ягон мушкилоти амалиро мушоҳида карда метавонед?
- Пас аз як ҳафта шумо [муҳити X]-ро чӣ гуна беҳтар карда метавонед?

Мақсади ниҳоии ин раванд кашф – тарҳрезӣ – санҷидан ин пешниҳоди тағйири эҳтимолӣ ба «озмоиш» ва якҷоя татбиқ намудани онҳо мебошад.

**Намунаи банақшагирии Тафаккури тарҳрезӣ барои хонандагон**

**Призмаи банақшагирии тафаккури тарҳрезиро татбиқ намоед: Кашф кардан ➔ Тарҳрезӣ кардан ➔ Санҷидан**

**Қадами 1: Кашф кардан**

**Хонандагон «мушкилоте»-ро, ки ҳал кардан мехоҳанд, муайян мекунанд ва маълумот ҷамъ меоранд.**

| |
|---|
| **Муҳит**<br>Кадом муҳит барои шумо каммаҳсул ё нороҳат эҳсос мешавад? Кадом муҳити синфхона ё мактабро шумо метавонистед беҳтар созед? |
| **Мушкилот**<br>Дар ин муҳит барои шумо чӣ чиз хуб кор намекунад? |
| **Иқтидор (Потенсиал)**<br>Шумо ба кадом фаъолияти омӯзишӣ ноил шудан мехоҳед? |

**Маълумот (Додаҳо)**
(масалан, мушоҳида, аксҳо, тарҳҳо, мусоҳибаҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, шарҳи хонанда, рӯзнома, таҳқиқоти онлайнӣ)

**Андешаҳо дар бораи мушкилот**
Барои таҳияи андешаҳо дар бораи мушкилоти худ аз қолаби зерин истифода баред: «Мо [муҳити X]-ро барои ноил шудан ба [Y] тағйир медиҳем/аз нав тарҳрезӣ мекунем/истифода мебарем».

**Қадами 2: Тарҳрезӣ кардан**

**Хонандагон роҳҳои гуногуни ҳалро тавассути «Ангезиши зеҳн» пешниҳод мекунанд ва дар бораи оне, ки татбиқ кардан мехоҳанд, ба мувофиқа меоянд.**

Барои илҳом гирифтан аз рӯйхати қадамҳои хурд барои беҳбудиҳо истифода баред.

**Роҳи ҳалли 1**
[Муҳити X]-ро чӣ тавр беҳтар истифода бурдан мумкин аст? Барои ноил шудан ба [Y] кадом вариантҳо мавҷуданд? Барои беҳтар кардани фаъолияти омӯзиш шумо чӣ гуна тағйиротро пешниҳод мекунед?

**Муаррифии кӯтоҳ**
(масалан, тавсифи кӯтоҳи ҳал, тарҳи тағйирдиҳӣ, модели хурди фазо, слайдҳои PowerPoint, видео ва ғ.)

**Роҳи ҳалли 2**
[Муҳити X]-ро чӣ тавр беҳтар истифода бурдан мумкин аст? Барои ноил шудан ба [Y] кадом вариантҳо мавҷуданд? Барои беҳтар кардани фаъолияти омӯзиш шумо чӣ гуна тағйиротро пешниҳод мекунед?

**Муаррифии кӯтоҳ**
(масалан, тавсифи кӯтоҳи ҳал, тарҳи тағйирдиҳӣ, модели хурди муҳит, слайдҳои PowerPoint, видео ва ғ.)

**Роҳи ҳалли 3**
[Муҳити X]-ро чӣ тавр беҳтар истифода бурдан мумкин аст? Барои ноил шудан ба [Y] кадом вариантҳо мавҷуданд? Барои беҳтар кардани фаъолияти омӯзиш шумо чӣ гуна тағйиротро пешниҳод мекунед?

**Муаррифии кӯтоҳ**
(масалан, тавсифи кӯтоҳи ҳал, тарҳи тағйирдиҳӣ, модели хурди муҳит, слайдҳои PowerPoint, видео ва ғ.)

**Қадами 3: Санҷидан**

**Хонандагон қадамҳои хурд барои беҳбудиро ҳамроҳ тартиб медиҳанд ва самаранокии онро [бо мақсади беҳтар кардани он] таҳлил менамоянд.**

**Мушоҳидаи истифода**
Шумо ва ҳамсинфонатон бо [Муҳити X]-и нав чӣ гуна ҳамкорӣ мекунед? Ин тағйирот фаъолияти омӯзишро чӣ гуна беҳтар кард? Оё шумо метавонед инро чен кунед? Шумо аз куҷо медонед, ки санҷиш муваффақ аст?

**Пешниҳод барои такмил**
Оё шумо ягон мушкилотро мушоҳида карда метавонед? Пас аз як ё ду ҳафта шумо [муҳити X]-ро чӣ гуна беҳтар карда метавонед?

**Адабиёт ва сарчашмаҳо**


1. Пурсиши истифодабарандагони мактабҳои Тоҷикистон, ҳисоботи заминавӣ, ҶДММ “Таҳлил ва машварат», шаҳри Душанбе, соли 2025.
2. Таҳқиқоти заминавии TEACH: мушоҳидаи ҷараёни таълим дар синфхона дар Тоҷикистон, ҳисоботи заминавӣ, ҶДММ “Таҳлил ва машварат», шаҳри Душанбе, соли 2025.
3. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 29 январи соли 2025, № 2/3. – Душанбе – 2025.
4. Ясвин, В.А. Экспертиза школьной образовательной среды [Текст] / В.А. Ясвин // Директор школы. - 1999. - № 3. - С. 79-92.
5. Brown, T. «Change by Design: How Design Thinking Creates New Alternatives for Business and Education». HarperBusiness, 2009.
6. Dewey, J. «School and Society». University of Chicago Press, 1900.
7. Kolb, D.A. «Experiential Learning: Experience as the Source of Learning and Development». Prentice Hall, 1984.
8. Tanner, C.K. «Effects of school design on student outcomes». Journal of Educational Administration, 2000.
9. Woolner, P. «School Design Together». Routledge, 2010.